# Соли нави мелодӣ муборак, ҳамватанони азиз!

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 52 (12381)
29 декабри
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО



# ПАЁМИ

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

**23.12.2022, шаҳри Душанбе**

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

**Ҳамватанони азиз!**

Соли 2022 барои Тоҷикистони мо, дар маҷмуъ, соли бобарор буд.

Ба шарофати заҳмати содиқонаи мардуми кишвар раванди созандагиву ободкорӣ бомаром идома ёфта, нақшаву барномаҳои пешбинигардида ҷиҳати таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат ҳадафмандона амалӣ карда шуданд.

Чунонки ба ҳама маълум аст, солҳои охир вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон хеле мураккаб гардида, ҳоло инсоният дар давраи ниҳоят ҳассос ва душвортарини таърихи қариб сад соли охири худ қарор дорад.

Аз ҷумла, дар панҷ соли охир таъсири манфии бархӯрдҳои геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, инчунин, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба иқтисоди кишварҳои ҷаҳон шиддат ёфта, яроқнокшавии бошитоб ва оғози марҳалаи «ҷанги сард» боиси халалдор шудани низоми муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии байни давлатҳо ва ба вуқӯъ омадани буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ гардид.

Бахусус, соли 2022 таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ вусъат гирифта, занҷираҳои мавҷудаи таъминоти молу маҳсулот канда шуданд, истеҳсоли маҳсулот коҳиш ёфт ва нархҳо, махсусан, нархи маводи ғизоӣ ба таври бесобиқа боло рафт.

Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт.

Аз ҷумла, соли 2022 корҳо ҷиҳати устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ тақвият пайдо карда, рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи 8 фоиз таъмин карда шуд.

Дар панҷ соли охир сатҳи некуаҳволии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018 ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расонида шуд, яъне 2,1 баробар зиёд гардид.

Музди миёнаи меҳнат дар кишвар якуним баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,3 баробар афзоиш ёфт.

Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ аз 27,4 фоизи соли 2018 то 22,5 фоиз дар соли 2022 коҳиш дода шуд.

Дар ин давра беш аз 900 ҳазор, аз ҷумла, дар соли 2022-юм 190 ҳазор ҷойи кории нав таъсис дода шуд, ки ба беҳтар гардидани вазъи шуғли аҳолӣ дар кишвар мусоидат намуд.

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,1 миллиард сомонии соли 2018 то 14,7 миллиард сомонӣ дар соли 2022 ё 62 фоиз зиёд гардид.

Дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил кард.

Дар давраи зикршуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла, дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст.

Ҳамзамон бо ин, ба маълумоти вакилони муҳтарам ва ҳамватанони азиз расонида мешавад, ки дар 31 соли истиқлоли давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта, ба истифода дода шуд.

Ҳол он ки дар 70 соли замони гузашта ҳамагӣ 3229 муассисаи таълимӣ бунёд гардида буд.

Бо вуҷуди ин, корҳои то имрӯз дар ин самт амалигардида ҳоло ҳам басанда нестанд.

*(Давомаш дар саҳ.2)*

ТАМАННИЁТ

**Мирзо ТУРСУНЗОДА**

## Каломи солинавӣ

*Соли пешин хайр бо мо – гуфту рафт,*
*Бо умеди рӯзи фардо – гуфту рафт.*
*Хайр бо мулки тавоно гуфту рафт,*
*Меравам ман, соли нав, о – гуфту рафт.*

*Дар замин осорҳо бигзошт, рафт,*
*Қиссаву гуфторҳо бигзошт, рафт.*
*Аз қудумаш мулк то рангин кунад,*
*Зебу зинат борҳо бигзошт, рафт.*

*Соли нав меояд, истиқбол гир,*
*Пешвоз онро тамоми сол гир.*
*Ҳар дақиқа, ҳар нафас қимат шумор,*
*Соати тозандаро дунбол гир.*

*Соли нав орад туро савғои нав,*
*Фатҳи нав, шодии беҳамтои нав,*
*Баҳри фарзандони хушиқболи мо*
*Манзили нав, қасри нав, маъвои нав.*

*Кам нагардад то табассум дар лабат,*
*Кам нагардад оташу тобу табат,*
*То нагардад то саҳаргоҳон хамӯш*
*Шуълае, ки мекунад равшан шабат,*

*Сулҳ соз аз меҳнатат пурзӯртар,*
*Солҳои панҷи навро пурзафар.*
*Аз баландиҳои нав бинмо назар*
*Бар уфуқи пурсафо вақти саҳар.*

*То абад бигзор бошад шуълабор*
*Дар сари мо офтоби рӯзгор,*
*Чун нишон аз сулҳ бошад ҷилвагар*
*Пурситора осмони беғубор.*

## Обуна ба ҳафтаномаи «Омӯзгор» барои соли 2023

**Агар хоҳед, ки дар соли 2023 аз навгониҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаи маориф ва илмро саривақт дастрас намоед, аз таҷрибаи ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.**

**Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта 170 сомонию 58 дирам**

**СУРАТҲИСОБИ МО**

ДХ БДА ҶТ «Амонатбонк»
с/ҳ 20202972200817101000
ҳ/м 20402972316264

РМБ 350101626
РМА 010009400
Ба «Омӯзгор»

@ Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj

Телефони боварӣ: 227-76-86

*Бо бовар бигӯ, сухан худ ба шунаванда нуфуз мекунад.*
*Ҳёте*

«Омӯзгор» № 52, 29 декабри соли 2022

# ПАЁМИ

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

*(Аввалаш дар саҳ.1)*

Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 2 миллиону 300 ҳазор нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Соли 1991 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 1 миллиону 325 ҳазор нафарро ташкил медод.

Инчунин, агар то соли 1991, яъне дар 70 соли замони гузашта дар мамлакат ҳамагӣ 2862 муассисаву иншооти тандурустӣ бо 52 ҳазору 800 нафар корманд фаъолият дошта бошад, пас дар даврони соҳибистиқлолӣ, хусусан, дар 25 соли охир 2827 муассисаву иншооти тандурустӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Ҳоло шумораи муассисаҳои тандурустии мамлакат нисбат ба соли 1991 қариб ду баробар зиёд гардида, ба 5116 ва кормандони онҳо ба 79 ҳазор расидааст.

Ҳамчунин, дар панҷ соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузории буҷети давлатӣ барои дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ тавассути пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ухдадориҳои дигар зиёда аз 19 миллиард сомонӣ, аз ҷумла, танҳо дар соли 2022-юм 4,3 миллиард сомонӣ равона карда шуд.

Дар баробари ин, то охири соли 2022 ба 475 ҳазор шаҳрванди эҳтиёҷманди кишвар, аз ҷумла, кӯдакони ятим ва бесаробон, маъюбон, оилаҳои камбизоат ва гирандагони нафақаи иҷтимоӣ кумаки молиявии яквақта дар ҳаҷми 600 сомонӣ иловатан пардохт карда мешавад ва ба ин мақсад 285 миллион сомонӣ равона мегардад.

Тавре ки борҳо зикр намудам, ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми азизамон мебошад.

Дар робита ба ин, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки пешрафти устувори минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии кишварро нигоҳ дошта, соли 2023 суръати рушди иқтисодиро дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намояд.

Дар ин замина, соли 2023 даромади умумии пулии аҳолӣ 15 фоиз афзоиш ёфта, ба 100 миллиард сомонӣ баробар мегардад.

Бо ин мақсад, такроран таъкид менамоям, ки бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди босуботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба он, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти содирот, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона карда шавад.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади татбиқи ҳадафу афзалиятҳои рушд бояд раванди банақшагирии стратегиро дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии давлатӣ пурра ҷорӣ карда, барои иҷрои нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои барномавӣ пешбинишуда тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намояд.

Барои нигоҳ доштани рушди босуботи иқтисодӣ, таъмин намудани устувории молияи давлат, афзоиши даромад ва баланд бардоштани самаранокии буҷет заминаи зарурии қонунгузорӣ фароҳам оварда шуда, корҳо дар самти мукаммал гардонидани низоми миллии молия ва андоз идома доранд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалишуда ҳаҷми буҷети давлатӣ ҳамасола афзоиш ёфта, дар соли 2022 қисми даромади он ба 33 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2018-ум 38 фоиз зиёд мебошад.

Вазорати молияро зарур аст, ки тибқи принсипҳои банақшагирии стратегӣ ва низоми байналмилалии баҳисобгирии молиявӣ минбаъд низ доир ба масъалаҳои интизоми молиявӣ, тақсимоти самараноки захираҳо, шаффофияту тобеият ва таҳияи босифати буҷети давлатӣ, инчунин, рақамикунонии соҳа чораҳои амалӣ андешад.

Кумитаи андоз вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо мақомоти марбута ҷиҳати беҳтар гардонидани хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ, мукаммалсозии маъмурикунонии андоз ва дар ин замина бартараф намудани таъсири омили инсонӣ ба раванди андозсупорӣ, инчунин, истифодаи ҳатмии дастгоҳи назоративу хазинавии дар реҷаи вақти воқеӣ амалкунанда ва низоми хазинаҳои маҷозӣ ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо аҳолӣ тадбирҳои иловагиро амалӣ гардонад.

Дар самти сиёсати пулию қарзӣ нигоҳ доштани устувории қурби пули миллӣ, баланд бардоштани қобилияти пардохти низоми бонкӣ, дар сатҳи пешбинишуда нигоҳ доштани таваррум, инчунин, таъмин намудани фаъолияти самараноки низоми пардохтҳо аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим боқӣ мемонанд.

Дар соли 2022 қурби пули миллӣ муътадил нигоҳ дошта шуда, сатҳи таваррум 4,2 фоизро ташкил намуд.

Вале хавфҳои эҳтимолӣ водор месозанд, ки дар ин ҷода тадбирҳои таъхирнопазир андешида шаванд.

Дар охири соли 2022 бақияи умумии пасандозҳои аҳолӣ ва



шахсони ҳуқуқӣ дар бонкҳои кишвар 13 миллиард сомониро ташкил дод.

Ҳарчанд ки нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли 2021-ум қариб 28 фоиз зиёд мебошад, вале ҳанӯз ба талабот дар самти рушди фаъолияти низоми бонкӣ ҷавобгӯ нест.

Ҳаҷми қарзҳои дар соли 2022 аз ҷониби низоми бонкии кишвар ба аҳолӣ ва соҳибкорон додашуда 14,1 миллиард сомониро ташкил кард, ки дар муқоиса бо соли 2018-ум 85 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамчунин, дар панҷ соли охир шумораи қарзгирандагон аз 564 ҳазори соли 2018 то ба 2 миллиону 336 ҳазор дар соли 2022 расида, 4,1 баробар афзоиш ёфтааст, ки фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ ва соҳибкоронро нишон медиҳад.

Дар ин давра ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 55 миллиард сомониро ташкил кард, ки 36 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд.

Лекин ин нишондиҳандаҳо барои расидан ба ҳадафҳои стратегии мо, аз ҷумла, саноатикунонии босуръат ҳоло ҳам нокифоя мебошанд.

Таъкид менамоям, ки масъалаи таъмини саривақтии талаботи иқтисодиёт ба маблағгузорӣ, хусусан, қарздиҳӣ бояд ҳамеша дар меҳвари фаъолияти низоми молия ва бонкҳои кишвар қарор дода шавад.

Зеро ҳар қадар, ки аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ба аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор қарзҳои дастрас зиёд пешниҳод карда шаванд, суръати рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамон қадар баланд мегардад.

Аз ин рӯ, Бонки миллӣ якҷо бо Вазорати молия, «Амонатбонк» ва «Саноатсодиротбонк» вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати ҳавасмандгардонии пасандозгузорон ва паст намудани фоизи қарзҳои ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, махсусан, ба соҳибкории истеҳсолӣ пешниҳодшаванда, инчунин, бо фоизи дастрас афзоиш додани пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ чораҷӯӣ намояд.

Бо мақсади мусоидат ба рушди бахши молиявӣ зарур аст, ки аз 1-уми июли соли 2023 пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ пурра ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда шавад.

Вобаста ба ин, аз ҷониби Вазорати молия ва Бонки миллӣ ҷиҳати таъсис додани махзани ягонаи маълумот доир ба суратҳисоби ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо, тавсеаи инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ ва ташкили равзанаи ягонаи пардохти тамоми хизматрасониҳои давлатӣ бояд тадбирҳои зарурии фаврӣ ва қатъӣ андешида шаванд.

Ба Бонки миллӣ зарур аст, ки якҷо бо Вазорати молия ва дигар вазорату идораҳои дахлдор бо мақсади тавсеаи фарогирии молиявӣ дар кишвар барои рушди шабакаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, таъмин намудани гуногуншаклии хизматрасониҳои молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии онҳо чораҷӯӣ намояд.

**Вакилони муҳтарам!**

Дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шуданд.

То имрӯз ба онҳо беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст.

Дар соли 2022 маблағи имтиёзҳои андозиву гумрукии истифодагардида зиёда аз 12 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла, аз ҳисоби паст ва бекор кардани меъёрҳои 5 намуди андоз зиёда аз 1,5 миллиард сомонӣ ҳамчун дастгирӣ дар ихтиёри субъектҳои соҳибкорӣ боқӣ мемонад.

Дар натиҷа соли 2022 шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба 339 ҳазор расид, ки нисбат ба соли 2018 беш аз 76 ҳазор зиёд мебошад.

Қобили зикр аст, ки соҳибкорони мамлакат, дар навбати худ, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои кории нав саҳми назаррас гузошта истодаанд ва бовар дорам, ки чунин иқдомоти созанда аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст вусъати боз ҳам бештар пайдо мекунанд.

Танҳо дар панҷ соли охир аз ҷониби соҳибкорони мамлакат ба маблағи умумии беш аз 12 миллиард сомонӣ қариб 18 ҳазор иншооти таъиноти истеҳсоливу иҷтимоӣ сохта, ба истифода супорида шудааст.

Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд.

Дар ин самт, пешниҳод менамоям, ки бо мақсади идома додани ислоҳоти соҳа ва танзими муносибатҳои иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ қонунгузории соҳа такмил дода шуда, муносибатҳои зикршуда дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим ва шумораи онҳо то 60 фоиз ихтисор карда шавад.

Ҳамчунин, роҳбарони вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ташаббусҳои созандаи соҳибкорону сармоягузоронро ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд ва доир ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба фаъолияти онҳо ва бартараф кардани мушкилоту монеаҳои ҷойдошта тадбирҳои бетаъхир андешанд.

Зикр бояд кард, ки тайи бист соли охир ба кишвар беш аз 152 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла, 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шудааст.

Аз маблағи зикршудаи сармояи мустақим зиёда аз 36 миллиард сомонии он танҳо барои рушди соҳаи саноат ҷалб гардидааст.

Дар панҷ соли охир ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ беш аз 15 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шудааст, вале ин нишондиҳанда ҳанӯз ба талаботи рушди иқтисодиёт ҷавобгӯй нест.

То соли 2025 дар кишвар татбиқи беш аз 200 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ пешбинӣ гардида, танҳо ба бахши воқеӣ ва инфрасохтор зиёда аз 82 миллиард сомонӣ сармоягузорӣ карда мешавад.

Таъкид менамоям, ки дар шароити таҳаввулоти босуръату пешгӯинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, рақобатҳои шадид барои дастрасӣ ба захираҳо ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим бояд дар кишвар тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии сармоягузорӣ ба таври ва-

*(Давомаш дар саҳ.3)*

**Бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 64 мактаби нав мавриди истифода қарор гирифт.**

# ПАЁМИ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

*(Аввалаш дар саҳ.2)*

сеъ истифода бурда шаванд.

Аз ин лиҳоз, механизми маблағгузории фондҳои махсус дар самти татбиқи «лоиҳаҳои сабз», хусусан, барои роҳандозии барномаву лоиҳаҳои мақсадноки рушди «иқтисоди сабз», аз ҷумла, «энергияи сабз» бояд васеъ ҷорӣ карда шавад.

Вобаста ба ин, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, корҳои хориҷӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар сохторҳои дахлдорро зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби «маблағгузории сабз» барои татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои саноат ва инфрасохтори кишвар, хусусан, лоиҳаҳои дорои аҳаммияти экологӣ ва озуқаворӣ чораҷӯӣ намоянд.

Тадбирҳои дар самти рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа андешидашуда имкон фароҳам овардаанд, ки дар панҷ соли охир афзоиши номгӯйи маҳсулоти саноатии истеҳсоли ватанӣ ба зиёда аз 40 фоиз расонида шавад.

Дар ин давра 1382 коргоҳу корхонаи саноатӣ бо таъсиси 15 ҳазор ҷойи кории нав сохта, мавриди истифода қарор дода шуд.

Умуман, агар соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошта бошад, пас дар замони соҳибистиқлолӣ 2500 корхонаи истеҳсолӣ бунёд гардида, соли 2022-юм 2800 корхонаи саноатӣ бо 85 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият карда истодаанд.

Танҳо соли 2022-юм беш аз 500 коргоҳу корхонаи истеҳсолӣ бо 6 ҳазор ҷойи нави корӣ ба фаъолият оғоз карданд ва барои то 43 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 мусоидат намуданд.

Вале ин нишондиҳандаҳо, бо дарназардошти захираву имкониятҳои кишвар, аз ҷумла ашёи хоми ватанӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ, захираҳои меҳнатӣ, «энергияи сабз» ва талаботи афзоянда ба маҳсулоти саноатӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, ҷиҳати ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегии мо – саноатикунонии босуръат ҳанӯз нокифоя мебошанд.

Ҳамчунин, хотирнишон месозам, ки нишондиҳандаҳои содироти мамлакат ҳоло ҳам дар сатҳи паст қарор доранд.

Бинобар ин, Вазорати саноат ва технологияҳои навро зарур аст, ки якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои марбута, роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва соҳибкорону сармоягузорон корро ҷиҳати таъсиси корхонаҳои саноатӣ бо технологияҳои муосир, муҳайё намудани ҷойҳои кории нав ва афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда вусъат бахшад.

Дар ин раванд, ба таъсиси маҷмааҳои саноатӣ, паркҳои технологӣ, таҳия ва татбиқ намудани лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионӣ, истифодаи таҷҳизоти каммасрафи барқӣ ва ҷалби боз ҳам бештари сармояи мустақим бояд эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Аз ҷумла, дар се соли минбаъда барои бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ бояд ҷиҳати таъсис додани 30 парки технологӣ ва минтақаи саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои дурдасти мамлакат чораҳои зарурӣ андешида ша-



ванд.

Ҳамчунин, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав супориш дода мешавад, ки якҷо бо вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон ҷиҳати бунёди корхонаҳои саноати коркард, аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе аз оғози соли 2023 марҳала ба марҳала сохта, ба истифода додани 4 корхонаи то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ коркард кардани металлҳои қиматбаҳо тадбирҳои зарурӣ андешад.

Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ба масъалаи истихроҷу коркарди металлҳои ранга аз конҳои муайяншуда, аз ҷумла, сурма, литий, волфрам, никел ва дигар металлҳо аҳаммияти хосса дода, барномаи азхудкунӣ ва дар дохили мамлакат то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани онҳоро таҳия ва амалӣ созад.

Дар баробари ин, Вазорати саноат ва технологияҳои нав бояд дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади истифодаи пурраи имкониятҳои кишвар дар самти рушди саноати сабук стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷиро таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Дар ин самт, Вазорати саноат ва технологияҳои нав вазифадор аст, ки якҷо бо Вазорати кишоварзӣ, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо ҷалби сармоя ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷиҳати дар се соли минбаъда бунёд кардану ба кор андохтани маҷмааҳои коркарди ниҳоии нахи пахта дар 5 шаҳру ноҳия, аз ҷумла, шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб чораҳои саривақтӣ андешад.

Ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки фаъолияти пурсамари корхонаҳои саноатии давлатӣ ва хусусиро, ки аз кор мондаанд ё нопурра фаъолият мекунанд, таъмин созанд.

Вазорату идораҳои зикршуда дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон дар соли 2023 корхонаҳои равғанбарории шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Конибодомро тавассути муҷаҳҳазгардонӣ бо технологияҳои муосир бо иқтидори истеҳсолии солҳои қаблии онҳо барқарор намоянд.

Ҳоло талаботи бозори истеъмолии мамлакат аз ҳисоби равғани истеҳсоли ватанӣ ҳамагӣ 22 фоиз таъмин гардида истодааст.

Дар сурати ба фаъолият оғоз кардани корхонаҳои зикргардида талаботи аҳолии мамлакат бо равғани истеҳсоли худӣ беш аз 70 фоиз таъмин мегардад.

Гарчанде саноати дорусозӣ солҳои охир тадриҷан рушд ёфта, ҳоло дар кишвар истеҳсоли 540 номгӯи доруворӣ ба роҳ монда шудааст ва ҳаҷми маҳсулоти соҳа соли 2022 нисбат ба соли 2021-ум се баробар афзоиш ёфтааст, вале имкониятҳои истифоданашуда дар ин самт ҳанӯз хеле зиёданд.

Дар зарфи ду соли охир ба кишвар ба маблағи қариб 84 миллион доллар доруворӣ ворид шудааст.

Бо мақсади рушди минбаъдаи саноати дорусозӣ ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ зарур аст, ки якҷо бо дигар сохтору мақомот ва бо ҷалби сармояи мустақим таъсис додан ва ба кор андохтани корхонаҳои муосири истеҳсоли доруворӣ, коркарди васеи гиёҳҳои шифобахш ва аз лиҳози экологӣ тозаи ватанӣ ва боз ҳам зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти доруворро таъмин намоянд.

Хотирнишон менамоям, ки дастрасӣ ба манзил яке аз самтҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ буда, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат то имрӯз дар ин самт корҳои зиёд ба анҷом расонида шудаанд.

Аз соли 2000-ум то соли 2022-юм ҳаҷми солонаи ба истифода супоридани манзил аз 245 ҳазор метри мураббаъ ба зиёда аз 1,5 миллион метри мураббаъ расидааст.

Бо мақсади беҳтар кардани шароити зиндагии мардуми кишвар танҳо дар 10 соли охир 7,2 ҳазор гектар заминҳои наздиҳавлигӣ барои бунёди беш аз 14 миллион метри мураббаъ манзили истиқоматӣ ба аҳолии мамлакат ҷудо гардидааст.

Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ ба 1 миллиону 450 ҳазор оила замини наздиҳавлигӣ барои бунёди манзил ҷудо карда дода шудааст.

Бо ин мақсад 139 ҳазор гектар замин ҷудо гардида, беш аз 9 миллион нафар шаҳрвандони мо имконият пайдо карданд, ки шароити истиқоматии худро беҳтар намоянд.

Хотирнишон месозам, ки дар 70 соли то замони истиқлол ба аҳолӣ ҳамагӣ 77 ҳазор гектар замин дода шуда буд.

Ҳоло, ки корҳои ободониву созандагӣ, сохтмони биноҳои таъиноти гуногун, аз ҷумла, биноҳои истиқоматии баландошёна ва иншооти иҷтимоӣ торафт вусъат гирифта истодаанд, талабот ба масолеҳи сохтмон, аз ҷумла, сангҳои ороишӣ зиёд гардида, як қисми онҳо то ҳанӯз аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад.

Дар солҳои 2021 – 2022 ба кишвар ба маблағи қариб 10 миллион доллари амрикоӣ сангҳои ороишӣ ворид гардида, танҳо хароҷоти интиқоли онҳо беш аз 2 миллион долларро ташкил додааст.

Дар Тоҷикистон захираи сангҳои бинокорӣ, аз ҷумла, мармару хоро фаровон аст, ки дар дохил ва хориҷи кишвар ба онҳо талабот зиёд мебошад.

Бо дарназардошти имкониятҳои зикршуда, пурра ба роҳ мондани истихроҷ ва коркарди онҳо, аз ҷумла, сангҳои ороишӣ метавонад яке аз манбаъҳои афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, зиёд намудани содироти маҳсулот ва дар маҷмӯъ, таъминкунандаи рушди иқтисоди кишвар гардад.

Аз ин лиҳоз, Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Агентии содирот вазифадор карда мешаванд, ки якҷо бо Саридораи геология ва корхонаҳои соҳа дар ояндаи наздик истихроҷ намудан ва то маҳсулоти ниҳоии сохтмон коркард кардани сангҳои ороишӣ ва содироти онҳоро ба хориҷи кишвар ба роҳ монанд.

Инчунин, бо мақсади афзоиш додани истеҳсол ва содироти маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Ёвон бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла, гаҷсанг корхонаи бузурги истеҳсоли масолеҳи сохтмон сохта, соли 2023 ба кор андохта шавад.

Бо дарназардошти афзоиш ёфтани аҳолӣ, инчунин, зиёд шудани талабот ба бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ва манзилҳои истиқоматӣ бори дигар таъкид менамоям, ки роҳбарону мутахассисони Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти марбута ҳангоми бунёди иншооту биноҳо ба риояи ҳатмии қоидаву меъёрҳои шаҳрсозӣ ва сохтмон эътибори аввалиндараҷа зоҳир намоянд.

Дар ин самт, зарур аст, ки истифодаи васеи унсурҳои меъмории милливу замонавӣ, технологияҳои муосир ва масолеҳи сифатноки сохтмон таъмин карда шавад.

Тоҷикистон яке аз давлатҳои дорои захираҳои бузурги истеҳсоли неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза мебошад.

Чунонки борҳо таъкид кардаам, ҳоло 98 фоизи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад ва аз рӯйи ин нишондиҳанда, яъне фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» кишвари мо дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд.

Аз рӯйи кам будани ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ низ Тоҷикистон дар яке аз ҷойҳои баландтарин қарор дорад.

Дар сурати истифодаи неруи барқи «тоза»-и дар кишвар истеҳсолшаванда дар воситаҳои нақлиёти барқӣ метавон талаботи мамлакатро ба маҳсулоти нафтӣ коҳиш дода, ба ин васила ба ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат мусоидат намуд.

Дар робита ба ин, ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав ва нақлиёт супориш дода мешавад, ки ҷиҳати дар дохили кишвар ба роҳ мондани истеҳсоли воситаҳои нақлиёти барқӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Инчунин, ҷиҳати таблиғу муаррифӣ кардани бартарии экологии маҳсулоти саноатии бо истифода аз «энергияи сабз» истеҳсолгардидаи кишвар зарур аст, ки корхонаҳои ватанӣ барои гирифтани сертификати «истеҳсоли сабз» аз мақомоти махсусгардонидашудаи байналмилалӣ чораҷӯӣ намоянд.

Бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва истифодаи самараноки неруи барқ дар идомаи корҳои дар солҳои соҳибистиқлолӣ баанҷомрасида ҳоло татбиқи боз 20 лоиҳа ба маблағи 17 миллиард сомонӣ идома дорад.

Аз ҷумла, имсол таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Сарбанд» бо тавоноии 270 мегаватт ба маблағи 1 миллиарду 360 мил-

*(Давомаш дар саҳ.4)*

**Дар шаҳри Бӯстон бахшида ба Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо роҳпаймоӣ доир гардид.**

# ПАЁМИ

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

*(Аввалаш дар саҳ.3)*

лион сомонӣ пурра ба охир расида, таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Норак» ба маблағи 7 миллиард сомонӣ ва «Қайроққум» ба маблағи умумии 2 миллиард сомонӣ, инчунин, сохтмони неругоҳи барқи обии «Себзор» ба маблағи 612 миллион сомонӣ дар ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва неругоҳҳои бодиву офтобӣ дар ноҳияи Мурғоб ба маблағи умумии 170 миллион сомонӣ бомаром идома дорад.

Бояд гуфт, ки баъди 50 соли фаъолият агрегати якуми неругоҳи «Норак» пас аз таҷдид бо харҷи беш аз 800 миллион сомонӣ бо тавоноии 375 мегаватт моҳи октябри соли 2022 мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Бо пурра ба анҷом расидани корҳои таҷдиду азнавсозӣ ва муҷаҳҳазгардонӣ бо таҷҳизоту технологияҳои муосир ба неругоҳи «Норак» умри дубора бахшида шуда, иқтидори кории он иловатан 775 мегаватт зиёд мегардад.

Инчунин, корҳои сохтмон дар неругоҳи барқи обии «Роғун» бомаром пеш рафта истодаанд.

Бо ин мақсад дар соли 2022-юм 3,2 миллиард сомонӣ равона карда шуд.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки солҳои охир талафоти техникии барқ ба вазъи молиявии ширкату корхонаҳои соҳа таъсири манфӣ расонида истодааст.

Барои таъмиру таҷдиди шабакаҳои барқии кишвар дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ беш аз 10,7 миллиард сомонӣ харҷ шудааст.

Вале талафоти барқ то ба ҳол нигаронкунанда буда, дар даҳ моҳи соли ҷорӣ 20,4 фоизро ташкил додааст.

Аз ин лиҳоз, Вазорати энергетика ва захираҳои об ва Ҷамъияти саҳҳомии «Ширкати тақсимоти барқ»-ро зарур аст, ки татбиқи босифату саривақтии лоиҳаҳои кам намудани талафоти неруи баркро ба маблағи 2,4 миллиард сомонӣ ва насби беш аз 800 ҳазор ҳисобкунаки баркиро дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат дар муҳлатҳои муқарраршуда ва бо сифати баланд таъмин намоянд.

Вазорати энергетика ва захираҳои об, ҳамчунин, вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо ширкату корхонаҳои соҳа барои таъсис додани низоми ягона ва мутамаркази биллингӣ, насби ҳисобкунакҳои зеҳнӣ ва ба ин васила то охири соли 2025 то сатҳи 9 фоиз паст намудани талафот ва ҷамъоварии пурраи маблағи барқи истифодашуда, инчунин, истифодаи самараноки захираҳои мавҷудаи соҳа чораҳои фаврӣ андешад.

Дар баробари ин, таъкид менамоям, ки мардуми шарифи кишвар бояд маданияти истифодаи неруи барқ, яъне сарфакориро риоя кунанд ва тавассути истифодаи таҷҳизоти каммасраф ва паст кардани талафот самаранокии истифодаи онро таъмин намоянд.

Ҳамзамон бо ин, бо дарназардошти имконияту захираҳои «энергияи сабз» дар кишвар, вазоратҳои энергетика ва захираҳои об, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Академияи миллии илмҳо бо таъсиси гурӯҳи кории байниидоравӣ масъалаи имконият ва дурнамои рушди энергетикаи водородӣ, яъне неруи гидрогениро ҳамаҷониба омӯхта, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳоди мушаххас манзур намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**



Бо мақсади беҳтар намудани вазъи роҳу шоҳроҳҳои мошингард ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон дар 5 соли охир дар соҳаи нақлиёт 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 5 миллиарду 130 миллион сомонӣ амалӣ гардида, дар натиҷа 250 километр роҳҳои мошингард, 42 пул, 4 долон ва якчанд эстакада бунёд карда шуданд.

Ҳоло дар соҳа боз 17 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 11 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст.

Дар се соли оянда 6 лоиҳа ба маблағи 7,4 миллиард сомонӣ ба анҷом расида, 317 километр роҳи байналмилалии мошингард, 32 пул, 5 нақб бо дарозии 11,2 километр ва 7 долон ба истифода дода мешавад.

Корҳои дар соҳа анҷомдодашуда имконият фароҳам оварданд, ки мавқеи Тоҷикистон дар зарфи чор соли охир тибқи арзёбии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ дар раддабандии ҷаҳонии сифати роҳҳо дар байни 138 давлати ба таҳқиқот фарогирифташуда зинаи 50-умро устувор нигоҳ дорад.

Ҷиҳати идомаи корҳои таҷдиду азнавсозии роҳҳо ва тақвияти имкониятҳои транзитии кишвар дар соли 2022 татбиқи 3 лоиҳаи сармоягузорӣ, аз ҷумла, таҷдиди як қисми роҳи мошингарди Данғара – Бохтар (29 километр) ва роҳи мошингарди Душанбе – Кулма дар қитъаи Қалъаихумб – Ванҷ – сарҳади ноҳияи Рӯшон (93 километр) оғоз гардид.

Ҳамзамон бо ин, татбиқи лоиҳаи сохтмони роҳи мошингарди Роғун – Обигарм – Нуробод (76 километр) бомаром идома дорад.

Соли 2022 корҳои лоиҳакашӣ оид ба таҷдиду бунёди роҳҳои мошингарди Хуҷанд – Конибодом ва Рӯшон – Хоруғ – деҳаи Варшез оғоз шуданд.

Илова бар ин, соли 2023 татбиқи 5 лоиҳаи дигар, аз ҷумла, сохтмони роҳҳои мошингарди Гулистон – Кӯлоб (32,5 километр), Данғара – Гулистон (49,2 километр), Гулистон – Фархор (40 километр), Бохтар – Левакант – Данғара (40 километр), 4 қитъаи роҳ дар вилояти Суғд (52 километр) ва сохтмони пулҳо дар болои дарёҳои Ғунд, Шорфдарё ва долонҳо дар минтақаи Барсем (4,6 километр) дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оғоз мегардад.

Дар ин ҷода, ба роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат зарур аст, ки бо истифода аз имконияту ташаббусҳои созандаи соҳибкорону шахсони саховатманд корҳоро дар самти бунёду азнавсозии роҳҳои дохиливу байни деҳаҳо, маҳалҳои аҳолинишин ва марказҳои шаҳру ноҳияҳо фаъол гардонанд.

Ҳамчунин, барои вусъатбахшии корҳои бунёдкориву созандагӣ, ободу зебогардонии ҳамаи гӯшаву канори мамлакат ва дар навбати аввал, таъмин намудани рушди ҳамаҷонибаи деҳоти кишвар ба ифтихори 35 – солагии истиқлоли давлатӣ гузаронидани озмунҳои шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, деҳа, маҳалли аҳолинишин ва хонаи беҳтарин ба роҳ монда шавад.

Ҳамчунин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки барои тавсеаи имкониятҳои транзитии кишвар, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои соҳаи авиатсияи гражданӣ ва таъмин намудани рақобатнокии онҳо ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми «Фазои кушод» чораҷӯӣ намояд.

Рушди соҳаи алоқа, бахусус, таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ зарур мебошад.

Ҳоло дар кишвар шумораи муштариёни интернет ба 4,5 миллион расидааст, ки ба 100 нафар аҳолӣ 45 муштарӣ рост меояд.

Вале таъкид менамоям, ки суръат ва арзиши интернет ҳанӯз қонеъкунанда нест.

Аз ин лиҳоз, Хадамоти алоқа вазифадор аст, ки якҷо бо ширкатҳои дар соҳа фаъолияткунанда барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет ва дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдаст тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намояд.

Ҳамчунин, ҷиҳати фароҳам овардани заминаи муосири ҳуқуқӣ барои ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти пешравию таҳаввулоти дар ин соҳа дар миқёси ҷаҳон бавуҷудомада сохтору мақомоти марбута вазифадор карда мешаванд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ»-ро дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Вазъи ҳассоси ҷаҳони имрӯза, бахусус, ба танқисии шадиди озуқаворӣ дучор гардидани чоряки кишварҳои дунё моро водор месозад, ки ҷиҳати таъмин намудани ҳадафи стратегиамон – ҳифзи амнияти озуқаворӣ тадбирҳои иловагӣ андешем.

Солҳои охир, бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои берунӣ, пайи ҳам омадани хушксолӣ ва маҳдудсозии содироти озуқаворӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон, маҳз бо заҳмати шабонарӯзии кишоварзони мамлакат амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шуд.

Аз ҷумла, соли 2022 истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 1 миллиону 600 ҳазор тонна, картошка ба 1 миллион ва меваю сабзавот ба 3 миллиону 200 ҳазор тонна расонида шуд.

Дар натиҷа тайи панҷ соли охир суръати рушди солонаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоиз нигоҳ дошта шуда, 1,4 баробар афзоиш ёфт.

Истеҳсоли гӯшти паранда дар ин давра 8 баробар зиёд шуда, ҳаҷми воридоти он 11 баробар кам гардид.

Дар панҷ соли охир ҳолати мелиоративии 50 ҳазор гектар замин беҳтар гардонида, 13 ҳазор гектар замини нав аз худ ва ба 23 ҳазор гектар замини аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ба гардиш ворид карда шуд.

Дар доираи супоришҳои додашуда таҷрибаи кишоварзони мамлакат вобаста ба маданияти заминдорӣ, бахусус, дар кишти такрорӣ ва гирифтани ҳосили иловагӣ беҳтар гардида, майдони кишти заминҳои такрорӣ дар панҷ соли охир аз 90 ҳазор гектар ба 213 ҳазор гектар расид.

Бо вуҷуди ин, имкониятҳо дар самти самаранок истифода бурдани обу замин, баланд бардоштани маданияти заминдорӣ ва ҳосилнокии зироатҳо то ҳол пурра истифода нашудаанд ва чунин вазъ аз роҳбарону масъулин андешидани тадбирҳои иловагиро талаб менамояд.

Тибқи маълумот 85 фоизи заминҳои корами кишвар обёрӣ карда мешаванд ва беш аз 90 фоизи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ аз ин ҳисоб таъмин мегардад.

Дар баробари ин, истифодаи зиёда аз 40 фоизи заминҳои обёришаванда аз кори пойгоҳҳои обкашӣ вобаста мебошад.

Аз ин лиҳоз, роҳбарону мутахассисони Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва таҷдиду барқарорсозии иншооти обёрӣ эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Бо ин мақсад, зарур аст, ки лоиҳаи барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда барои давраи миёнамуҳлат таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шавад.

Саридораи геология ва Академияи илмҳои кишоварзӣ захираҳои мавҷудаи канданиҳои фоиданокро ҳамаҷониба таҳлил карда, доир ба имкониятҳои азхудкунии онҳо барои истеҳсоли нуриҳои маъданӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодҳои мушаххас манзур созанд.

Инчунин, Вазорати саноат ва технологияҳои нав якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва соҳибкорон ҷиҳати таъсис додани корхонаҳои истеҳсоли нуриҳои минералӣ тадбирҳои зарурӣ андешад.

**Вакилони муҳтарам!**

Солҳои охир таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати кишвар ба соҳаи сайёҳӣ имкон дод, ки дар баробари афзун гардидани шумораи сайёҳон ширкатҳои сайёҳии ватанӣ низ зиёд гарданд.

Дар панҷ соли охир ба кишвари мо беш аз 3,9 миллион нафар, аз ҷумла, соли 2022-юм 1 миллион нафар сайёҳон ворид гардидаанд.

Дар ин давра барои пешниҳоди хизматрасонӣ ба онҳо беш аз 600 ва танҳо соли 2022-юм 100 иншооти инфрасохтори сайёҳӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шудааст.

Хотирнишон менамоям, ки Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2022 ҷиҳати ҷалби бештари сайёҳон ва сармоягузорони хориҷӣ барои шаҳрвандони 52 кишвари хориҷӣ иқдоми яктарафаи воридшавии бидуни раводид ҷорӣ намуд ва зарур аст, ки ин раванд ба таври самаранок

*(Давомаш дар саҳ.5)*

**Соли 2023 сохтмони роҳҳои мошингарди Гулистон – Кӯлоб, Данғара – Гулистон, Гулистон – Фархор ва Бохтар – Левакант – Данғара оғоз мешавад.**

# ПАЁМИ

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

*(Аввалаш дар саҳ.4)*

амалӣ карда шавад.

Инчунин, бо ин мақсад барои шаҳрвандони 126 давлати хориҷӣ пешниҳоди раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби содакардашуда ҷорӣ гардидааст.

Барои таъмин намудани рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ зарур аст, ки Кумитаи рушди сайёҳӣ корро ҷиҳати зиёд кардани номгӯйи хизматрасониҳои сайёҳӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо дар соҳа, роҳандозии васеи сайёҳии табобатӣ, экологӣ ва кӯҳнавардӣ густариш бахшад.

Дар ин раванд, бояд ба масъалаҳои самаранок ва бо сифати баланд татбиқ намудани лоиҳаҳои сармоягузории соҳа, идома додани бунёди инфрасохтори сайёҳии ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй, баланд бардоштани мавқеи байналмилалии кишвар, ташаккули бренди миллии фарогири имкониятҳои сайёҳӣ ва муаррифии он дар арсаи ҷаҳонӣ, инчунин, таъмини иқтидори кадрии соҳа диққати ҷиддӣ дода шавад.

Бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат ба ҳисоб рафта, барои татбиқи он қабули барномаҳои соҳавию минтақавӣ зарур аст.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро зарур аст, ки барномаҳои миёнамуҳлати рушди шуғлро омода ва амалӣ намояд.

Бо мақсади соҳибкасб намудани шаҳрвандон, аз ҷумла, ҷавонон Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки дар асоси таҳлили вазъи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ лоиҳаи барномаи миёнамуҳлати тайёр кардани кадрҳои касбии зинаи ибтидоӣ ва миёнаро аз ҳисоби ҷавонон барои соҳаҳои иқтисоди миллӣ таҳия ва амалӣ намояд.

Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, ҳамчунин, вазифадор карда мешаванд, ки дар асоси таҳлили ҳамаҷониба ҷиҳати самаранок гардонидани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва касбомӯзии калонсолон оид ба гузаронидани ислоҳот дар низоми идоракунии ин муассисаҳо хулосаҳои худро дар муҳлати ду моҳ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Дар ин ҷода таъсис додани ҷойҳои корӣ ва фарогирии пурраи аҳолӣ бо шуғл вазифаи аввалиндараҷаи тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, ҳар як роҳбари сохтору мақомоти давлатӣ ва соҳибкорон ба шумор меравад.

Вобаста ба ин, супоришеро, ки қаблан дода шуда буд, бори дигар таъкид менамоям.

Ҳукумати мамлакат то соли 2026 бо истифода аз тамоми имкониятҳо дар бобати ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб кардани шаҳрвандони аз 18-сола боло, ки касбу ҳунар надоранд ва саросар соҳибкасб гардонидани аҳолӣ чораҷӯӣ намояд.

Дар ин самт зарур аст, ки



ба беҳтар гардонидани сифати таҳсилоту касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва ба омӯзиши ихтисосу ҳунарҳои барои бозори меҳнат зарурӣ фаро гирифтани аҳолӣ, хусусан, ҷавонон ва занону бонувон тадбирҳои фаврӣ андешида шаванд.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

**Ҳамватанони азиз!**

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти бомароми соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа – ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст.

Ҳоло бо мақсади дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати аз 1-уми июли соли 2023 то соли 2025 ҳар сол зиёд кардани андозаи кумакпулии унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат, яъне аз 512 сомонии амалкунанда то 836 сомонӣ ва иловатан барои ҳар як кӯдаки оилаҳои мазкур мутобиқан ба ин давра аз 34 сомонӣ то 152 сомонӣ ҷудо кардани маблағҳо чораҷӯӣ намояд.

**Илова бар ин, бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод менамоям:**

**– аз 1-уми марти соли 2023 музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад;**

**– аз 1-уми июли соли 2023 музди меҳнати кормандони муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шаванд;**

**Ҳамчунин пешниҳод менамоям, ки аз 1-уми июли соли 2023:**

**– андозаи нафақаи заминавӣ 20 фоиз зиёд карда шавад;**

**– нафақаҳои суғуртавие, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъин ва пардохт мегарданд, ба андозаи сатҳи таварруми ду соли охир, вале на кам аз 16 фоиз индексатсия, яъне зиёд карда шаванд;**

**Дигар нафақаҳои амалкунанда ба андозаи 20 фоиз аз меъёри нафақаи заминавӣ зиёд карда шаванд.**

Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем.

Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад.

Бинобар ин, ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад.

Маҳз ба ҳамин хотир, мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаем.

Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад.

Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад.

Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад.

Зимнан, бояд гуфт, ки дар сӣ соли охир шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва хонандагони онҳо беш аз ду баробар, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 1,6 баробар ва донишҷӯёни ин зинаҳои таҳсилот сеюним баробар, мактабҳои олӣ чор баробар ва донишҷӯён зиёда аз се баробар афзудааст.

Соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 707 миллион сомонӣ ё худ 12,6 фоиз зиёд буда, қариб 19 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетро ташкил медиҳад.

Бо истифода аз имкониятҳое, ки давлат ва Ҳукумати мамлакат фароҳам оварда истодааст, муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ бояд бо роҳи анҷом додани кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон саҳми фаъолтар гузоранд.

Вазъи имрӯзаи илми кишвар тақозо менамояд, ки ҷиҳати ба равандҳои ҷаҳони имрӯза мутобиқ намудан ва тибқи талаботи замони муосир ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ тадбирҳои муассир андешида шаванд.

Дар ин самт, вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо тавассути роҳандозии барномаҳои таълими касбу ҳунарҳои муосир ва васеъ ҷорӣ намудани омӯзиши амалии донишҷӯён бо роҳи пайванди илм ва истеҳсолот ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати омодасозии мутахассисони соҳаҳои саноат ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, инчунин, иқтисоди рақамӣ тадбирҳои судмандро амалӣ созанд.

Ҳамзамон бо ин, вобаста ба таъсиси донишгоҳҳои муштарак бо давлатҳои пешрафтаи дунё оид ба омӯзиши илмҳои муҳандисиву технологӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи аҳолии мамлакат аз 5 миллион нафар дар соли 1991 то ба 10 миллион нафар дар моҳи июли соли 2022 афзоиш ёфтааст, яъне ду баробар зиёд гардидааст.

Барои боз ҳам беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ва дастрасии аҳолӣ ба он бунёди муассисаҳои нав, азнавсозии муассисаҳои мавҷуда ва бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гардонидани онҳо зарур мебошад.

Бо ин мақсад, танҳо дар ду соли охир аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ба муассисаҳои тандурустии кишвар ба маблағи зиёда аз 1 миллиард сомонӣ беш аз 200 номгӯй таҷҳизоту дастгоҳҳои муосир дастрас карда шудаанд.

Бо вуҷуди он ки дар самти пешгирӣ кардан ва табобати беморон дастоварду пешравиҳои муайян ба назар мерасанд, вале ҳанӯз масъалаҳои тарбияи кадрҳо, хусусан, дар коллеҷҳои тиббии чи давлатӣ ва чи хусусӣ, аз рӯйи ҳамаи ихтисосҳо бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани муассисаҳои тандурустӣ ва сатҳи хизматрасонӣ ба аҳолӣ беҳбудӣ металабанд.

Вобаста ба ин, бори дигар хотиррасон менамоям, ки рушди саноати дорусозӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин мебошад.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирии занону бонувон ва баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа бисёр тадбирҳои судмандро амалӣ намуд.

Ҳоло аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла, кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳанд.

Инчунин, бонувону занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ 71, фарҳанг 47, бонкдорӣ 39, алоқа 25, аз ҷумла, дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40 фоиз мебошанд.

Таъсиси грантҳои президентӣ ба густариши фаъолияти соҳибкории занону бонувон мусоидат намуд ва онҳо дар баробари беҳтар сохтани шароити оилавии худ ҳоло ба рушди иқтисоди кишвар низ таъсири назаррас расонида истодаанд.

Соли 2022 ба зиёда аз 600 ҳазор занону бонувон аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ба маблағи беш аз 3 миллиарду 400 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 2,4 баробар зиёд мебошад.

Умуман, дар панҷ соли охир маблағи қарзи ба занону бонувон пешниҳодшуда 12,1 миллиард сомониро ташкил кардааст.

Рақамҳои зикршуда гувоҳи равшани фаъол будани занону бонувон дар иқтисодиёти кишвар мебошанд.

Дар 21 соли охир беш аз 504 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбиро хатм карда, соҳибкасб шудаанд.

Аз ин ҳисоб 239 ҳазор нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ гардида, ҳоло боз 100 ҳазор нафар духтарон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил карда истодаанд.

Мо тасмим дорем, ки ҷалби бонувонро ба корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ минбаъд низ густариш бахшем, зеро онҳо дар ҷомеаи мо қувваи бузург мебошанд ва мо ба неруву ташаббусҳои онҳо ҳамеша эътимод дорем.

Мо, ҳамчунин, ба нақши зан – модар, ки мавҷуди муқаддас мебошад, ҳамеша арҷ мегузорем, чунки ӯ насли инсонро ба вуҷуд

*(Давомаш дар саҳ.6)*

Консепсияи мудофиаи миллии кишвар таҳия карда мешавад.

*Калиди ҳама гуна илм аломати суол аст.*
*Балзак*

«Омӯзгор»
№ 52, 29 декабри
соли 2022

# ПАЁМИ

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

*(Аввалаш дар саҳ.5)*

меоварад, тарбия мекунад ва ба камол мерасонад.

Ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол неруи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас мебошад.

Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд.

Маҳз ҷавононанд, ки дар оммавигардонии варзиш нақши асосӣ дошта, ба шарафи пирӯзиҳои онҳо парчами Тоҷикистони маҳбуби мо дар гӯшаҳои гуногуни дунё парафшонӣ мекунад.

Бо дастгириву ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ кишвари ҷавонон аст.

Мо имсол «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 – 2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2027»-ро қабул намудем.

Дар ин замина, зарур аст, ки аз ҷониби Кумитаи ҷавонон ва варзиш якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати қабули барномаҳои маҳаллии кор бо ҷавонон тадбирҳои амалӣ андешида шаванд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Рушди устувор ва босуръати мамлакат, махсусан, амалӣ намудани стратегияҳо, барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлати кишвар тақозо менамояд, ки заминаҳои ҳуқуқии онҳо сари вақт ва босифат таъмин карда шаванд.

Ин вазифа аз мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, пеш аз ҳама, аз парламенти кишвар талаб менамояд, ки фаъолияти худро ҳамаҷониба тақвият бахшад.

Вазифаҳои дар назди мо қарордошта тақозо менамоянд, ки фаъолияти Маҷлиси Олӣ ҷиҳати қабули қонунҳои саривақтии мукаммал ва босифат боз ҳам тақвият бахшида шавад.

Ин масъала дар навбати худ ҳамкории доимии парламентро бо дигар мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, аз ҷумла, бо субъектҳои дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ талаб менамояд.

Бо дарназардошти рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими кафолатҳои судии субъектҳои ин муносибатҳо зарур аст, ки фаъолияти мақомоти судӣ пайваста таҳкиму такмил дода шавад.

Бинобар ин, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро зарур аст, ки оид ба бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, интихобу ҷобаҷогузории дурусти



кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии судяҳо тадбирҳои муассир андешанд.

Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд.

Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдорро зарур аст, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ боз ҳам вусъат бахшида, бо роҳи тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ пеши роҳи гароидани ҷавононро ба равияҳои ифротгаро гирифта, онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд.

Дар робита ба ин, ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, зарур аст, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад.

Аз ин рӯ, ба Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ супориш дода мешавад, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо масъалаи таъсиси маркази зикршударо омӯхта, пешниҳодҳои худро ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.

Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ барои ҷавонон мактаби ҷавонмардӣ маҳсуб ёфта, дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ, худшиносиву худогоҳӣ тарбия намудани хизматчиёни ҳарбӣ ва барои онҳо муҳайё намудани шароити хуби хизмат, инчунин, риояи талаботи ойинномаҳои ҳарбӣ муҳимтарин самти сиёсати мудофиавии кишвар маҳсуб мееёбад.

Вазъи мураккаби ҷаҳони муосир моро водор менамояд, ки ҷиҳати суръат бахшидан ба навсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии Қувваҳои Мусаллаҳ, баланд бардоштани омодабошии ҳарбӣ ва тақвияти иқтидори мудофиавии кишвар тадбирҳои зарурии иловагиро амалӣ намоем.

Бинобар ин, Ҳукумати мамлакат, Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои низомӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори мудофиавии кишвар Консепсияи мудофиаи миллиро таҳия ва пешниҳод намоянд.

**Вакилони муҳтарам!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯзҳо равандҳои геополитикӣ ҳамоно мураккабу печида боқӣ монда, боиси афзоиши мухолифату низоъҳо, шиддат гирифтани рақобат ва талоши кишварҳо барои тавсеаи нуфуз дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон гардидаанд.

Ин ҳолат боиси ба миён омадани таҳдиду хатарҳои бесобиқаи амниятӣ гардида, дар маҷмуъ, ба сохтори бунёдии муносибатҳои байналмилалӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Дар чунин шароит Тоҷикистон ба хотири таъмин намудани манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи арзишҳои анъанавии худ сиёсати хориҷии мутавозин ва санҷидаро идома медиҳад.

Дар ин замина, давлати мо азм дорад, ки дар асоси сиёсати «дарҳои кушода»-и хориҷии худ робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманду созандаи дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон тавсеа бахшида, рушд диҳад.

Соли 2022 Тоҷикистон силсилагии барқарор намудани робитаҳои дипломатиашро бо аксари давлатҳои ҷаҳон таҷлил намуд.

Идомаи робитаҳои фаъол ва рушду таҳкими маҷмӯи муносибатҳо бо шарикони стратегӣ, анъанавӣ ва боэътимод самти муҳимми сиёсати хориҷии моро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, мо саъю талошро ҷиҳати таъмин намудани рушди устувор ва тақвияти рӯҳияи ҳусни ҳамҷаворӣ, эътимод ва дӯстии пойдор дар минтақаи Осиёи Марказӣ идома медиҳем.

Тоҷикистон ҳамкориҳои худро бо шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар сохторҳои бисёрҷониба ҳамчун узви фаъол идома хоҳад дод.

Дар ин раванд, ҳамкории мо бо сохторҳои байналмилалии молиявӣ ва дигар шарикони рушд дар сатҳи баланд қарор дошта, минбаъд низ густариш дода мешавад.

Тоҷикистон дар оянда низ дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеаи байналмилалӣ, аз қабили мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, қочоқи силоҳ ва маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ, ҳамчунин, мутобиқшавӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он саҳми босазо хоҳад дошт.

Мо ҷонибдори ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ ва низоъҳои минтақавӣ бо роҳи муколама ҳастем ва аз тақвияти нақши калидии Созмони Милали Муттаҳид дар ин раванд пуштибонӣ мекунем.

Боиси қаноатмандист, ки Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳалли масъалаҳои марбут ба обу иқлим эътироф шудааст.

14-уми декабри соли ҷорӣ Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон кардани соли 2025 ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, якдилона қарор қабул кард.

Мувофиқи ин қатънома дар чаҳорчӯби Созмони Милали Муттаҳид Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряххо таъсис ёфта, вобаста ба ин мавзӯъ соли 2025 дар шаҳри Душанбе конфронси сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид баргузор мегардад.

Мояи ифтихор ва сарфарозии ҳамаи мост, ки панҷумин ибтикори ҷаҳонии кишвари мо оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар миқёси сайёра амалӣ хоҳад шуд.

Воқеан, қабули ин қатънома дар миқёси ҷаҳон иқдоми муҳим ва таърихӣ буда, тавассути он ҷомеаи ҷаҳонӣ имкон пайдо мекунад, ки барои ҳифзи бузургтарин манбаъҳои оби ошомиданӣ тадбирҳои муштараки зарурӣ андешад.

Бо истифода аз фурсат, ба тамоми кишварҳо, сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилаливу минтақавӣ барои дастгирӣ аз ин ташаббуси Тоҷикистон миннатдорӣ изҳор менамоям.

Бори дигар мардуми шарифи Тоҷикистонро ба муносибати қабули ин қарори муҳимму таърихии Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид самимона табрик мегӯям.

**Ҳамватанони азиз!**

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Пешрафту дастовардҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар солҳои охир ва мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби ҳаёти ҷомеа ва давлат ин ҷо баён шуданд ва вазифаҳо барои бартараф намудани онҳо низ муайян гардиданд.

Таъкид менамоям, ки танҳо саъю талоши содиқонаву софдилона, ҳисси баланди масъулият дар назди халқу Ватан ва иқдому ташаббусҳои созанда моро ба ҳадафҳои олиамон наздик мерасонанд.

Бовар дорам, ки мардуми шарифу сарбаланд, ватандӯсту ватанпарвар ва қавииродаву заҳматдӯсти мо аз уҳдаи иҷрои ҳама гуна амалҳои нек ва бартараф намудани тамоми мушкилот мебароянд, Тоҷикистони азизамонро боз ҳам ободу зебо ва пешрафта мегардонанд ва барои зиндагии аз имрӯза беҳтар шароит фароҳам меоваранд.

Ҳар яки мо – роҳбарони сохтору мақомоти давлатӣ ва кулли хизматчиёни давлатӣ дар ин ҷода масъулият дорем ва вазифадорем, ки ба халқи азизи Тоҷикистон софдилонаву содиқона хизмат кунем.

Яъне мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем ва барномаҳои созандаву нақшаҳои бунёдкоронаи барои рушди давлат ва ободии Ватан тарҳрезикардаи худро сари вақт ва бо сифати баланд ба анҷом расонем.

Мо бояд ватандӯсту ватанпараст бошем ва ҳаргиз фаромӯш насозем, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошад.

Яъне ҳар яки мо бояд минбаъд низ мафҳумҳои «ватандӯстӣ» ва «рушд»-ро шиори кору фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор диҳем.

Илова бар ин, ҳифзи истиқлолу озодии Тоҷикистони маҳбубамон ва дастовардҳои он – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ бояд қарзи инсонӣ, вазифаи шаҳрвандӣ ва рисолати имонии ҳар як фарди бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарасти ҷомеа бошад.

Мо бояд тамоми донишу таҷриба, маҳорату малака ва саъю талоши худро минбаъд низ ба рушди давлати соҳибихтиёрамон ва Ватани аҷдодиамон равона кунем, кишвари маҳбубамонро пешрафта гардонем ва барои наслҳои оянда як мулки обод мерос гузорем.

Ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон, ба ҳар кадоми шумо – вакилони халқ ва ҳозирини гиромӣ саодати рӯзгор, муваффақият ва барори кор орзумандам!

**Ҳамеша сарбаланду комёб бошед, ҳамватанони азиз!**

**President.tj**

Китоби нави нависандаи шинохта Шодӣ Раҷабзод бо номи «Дасти боло» аз чоп баромад.

**МУЛОҚОТ**

# Вохӯрии вазир бо сафир



26-уми декабри соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Семён Григорев баргузор гардид, ки дар он ҷонибҳо вобаста ба ҳамкориҳои ҷойдоштаи кишварҳо дар соҳаи маориф ва илм ва рушди минбаъдаи он мубодилаи афкор намуданд.

Зимни суҳбат таъкид намуданд, ки ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар асоси Созишнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи илм, технология, маориф, тандурустӣ, иттилоот, варзиш ва сайёҳӣ ба роҳ монда шуда, ҷиҳати татбиқи бандҳои он ҳамасола корҳои назаррас анҷом дода мешаванд.

Маҳз ҳамкориҳои судманд аст, ки айни ҳол дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Федератсияи Россия беш аз 30 ҳазор донишҷӯ таҳсил намуда, ҳамзамон, филиали 5 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва 5 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд.

Дар баробари ин, ҳамасола як қатор таҳқиқотҳои муштараки илмӣ миёни омӯзгорону олимони муассисаҳои таҳсилотии олии касбии ду кишвар анҷом дода мешаванд, ки ин аз рушди минбаъдаи ҳамкориҳо шаҳодат медиҳад.

Дар идома ҷонибҳо дар самти эътирофи дуҷонибаи дараҷа ва унвонҳои илмӣ, қабули муштараки довталабони бурсияҳои таҳсилии Федератсияи Россия, ки ҳамасола барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо мегарданд, табодули андеша намуданд.

**МАШВАРАТ**

20-уми декабри соли равон бо ибтикори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар толори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65-и шаҳри Душанбе семинари омӯзишӣ оид ба кабинетҳои лингофонӣ барои омӯзгорони фанҳои забонҳои русию англисӣ ва мушовирони сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маориф баргузор гардид. Дар он муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода, сардорону кормандони раёсат, шуъба, бахши дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, инчунин, омӯзгорони як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ иштирок намуданд.

# Баррасии масоили омӯзиши забонҳои хориҷӣ



Нахуст муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷ.Ҷӯразода зикр кард, ки имрӯзҳо аз ҷониби роҳбарияти Вазорати маориф ва илм ҷиҳати татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омӯзиши забонҳои русию англисӣ тадбирҳои муассир андешида шуда истодааст. Бо ин мақсад, аз ҷониби мутахассисони соҳа «Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ» иборат аз 400 калима таҳия гардида, барои ҳамаи кормандони соҳаи маориф, омӯзгорон ва хонандагони синфҳои 5 – 11 ҳатмӣ дониста шуд. Дар баробари ин, аз ҳама роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон тақозо карда шудааст, ки дар амалигардонии ин иқдоми Вазорати маориф ва илм масъулияти баланд нишон дода, зимни азёд кардани луғат хонандагонро раҳнамоӣ ва назорат кунанд.

Дар идома оид ба рафти татбиқи “Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021 – 2025” ва “Барномаҳои давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” маълумоти мушаххас пешниҳоди иштирокдорон гардид.

Семинар ду рӯз идома ёфта, мавзуъҳо вобаста ба таъмини муассисаҳои таълимӣ бо маводи рақамӣ, бартарият, аҳамият ва намудҳои дарсҳои видеоӣ, кор бо таҷҳизоти лингофонӣ мавриди муҳокимаи иштирокчиён қарор дода шуда, ҳамзамон, тавсияҳо барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ оид ба истифодаи воситаҳои рақамӣ омода гардида, дастури методӣ оид ба истифодаи самараноки маводи рақамӣ дар раванди таълим муаррифӣ шуд.

# Ҷаласаи Шурои директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ

Дар коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти раёсати муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Лутфия Абдулхолиқзода ҷаласаи Шурои директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ баргузор гардид, ки дар он директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ ширкат намуданд.

Ҷаласаро Л. Абдулхолиқзода ифтитоҳ карда, ҳозиринро ба рӯзномаи шуро шинос намуд. Сипас, сардори раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии вазорат Довуд Ализода доир ба натиҷаи қабули донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли таҳсили 2022-2023 суханронӣ намуд. Таъкид гардид, ки нақшаи қабул вобаста ба минтақа ва шаҳру ноҳияҳо ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2022-2023, дар умум, ба 44207 нафар расидааст.

Дар идома директори коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Зоир Ғафурӣ қайд кард, ки такмили заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба раванди таълиму тарбия имкон медиҳад, ки самаранокии раванди педагогӣ тавассути таъминоти ҷанбаи мотиватсионии донишҷӯён дар самти омӯзиши силсилаи фанҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ то ҳадди матлуб баланд бардошта шавад.



Технологияҳои самарабахши таҳсилот, аз ҷумла, методҳо ва тарзу усулҳои инноватсионии таълим таҳия ва татбиқ гарданд. Инчунин, дастрасии озодона ба иттилооти таълимие, ки тавассути сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ва таълимӣ – китобхонаҳои электронӣ, пойгоҳҳо ва бонкҳои маълумотдиҳанда, захираҳои электронии таълимӣ ва амсоли ин пахш мегарданд, таъмин карда шавад. Ҳамзамон, самаранокии фаъолияти касбии омӯзгор баланд бардошта шуда, сарфи вақти донишҷӯён барои иҷрои корҳои мустақилона бо истифодаи технологияи иттилоотии таълимӣ кам ва маҳсулнокии он бештар мегардад.

Директори коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ Шаҳло Ашӯриён иброз дошт, ки бо мақсади амалӣ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба баланд бардоштани сатҳу сифати муатахассисони миёнаи касбии тиббӣ аз ҷониби роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии тиббӣ корҳои назаррас ба анҷом расонида шудааст. Дар солҳои охир аз ҷониби ҳайати кормандон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии миёнаи касбии тиббӣ, махсусан, коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ номгӯи зиёди адабиёти таълимии тахассусӣ (китобҳои дарсӣ, маҷмуаҳои лексионӣ, дастурамалҳои таълимӣ ва методӣ, роликҳои таълимӣ, китобҳои электронӣ ва ғ.) омода карда шуда, ба китобхонаи муассисаҳо дастрас карда шудааст.

**НАТИҶАГИРӢ**

# Гирандагони стипендияи Президентӣ муайян шуданд

Ғолибони озмуни стипендияи Президентӣ дар соли таҳсили 2022 – 2023 муайян гардиданд. Дар он 3000 нафар хонандаю донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ ҳамчун ғолибони озмун дониста шуда, давоми нуҳ моҳи соли таҳсил бо стипендияи Президентӣ ҳар моҳ ба маблағи 600 сомонӣ таъмин мегарданд.

Стипендияи Президентӣ дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2015 тасдиқ шуда, ҳамасола дар асоси низомномаи мазкур озмун аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон гузаронида шуда, ғолибон муайян ва давоми соли таҳсил бо стипендия таъмин карда мешаванд.

Аз таъсиси стипендия, яъне аз соли 1998 то соли 2020 теъдоди стипендияҳои Президентӣ ва маблағи онҳо марҳила ба марҳила зиёд гардида, дар доираи эълони намудани соли 2017 Соли ҷавонон теъдоди стипендия аз 300 ба 400 адад расонида шуд. Аз 1 сентябри соли 2021 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди гирандагони он аз 400 ба 3000 адад ва ҳаҷми маблағи он барои ҳар гирандаи стипендия дар як моҳи соли таҳсил ба 500 сомонӣ расонида шуд, ки ин беҳтарин икдом барои дастгирии ҷавонони лаёқатманду фаъол мебошад.

Дар соли таҳсили 2022 – 2023 ҳаҷми маблағи он  ба 600 сомонӣ расонида шуд.

**Дар Тоҷикистон то соли 2026 шаҳрвандони аз 18-сола боло соҳибкасб гардонида мешаванд.**

*Барои ба ҳадаф расидан нахуст роҳ бояд рафт.*
*Балзак*

«Омӯзгор» № 52, 29 декабри соли 2022

**ТАҲЛИЛ**

# Таҳсилоти касбӣ: пешрафт ва мушкилот

**Рушди босуботи ҳар як давлат аз пешрафти маорифи он вобастагии амиқ дорад. Яке аз ҳадафҳои муҳимтарини давлати соҳибистиқлоли тоҷикон бунёди маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалӣ мебошад. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21 декабри соли 2021) таъкид карданд: "Мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ваояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад".**



*Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар замони соҳибистиқлолӣ раванди таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ба низоми муайян даромада бошад ҳам, зарур аст, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот усулҳои наву муосирро истифода намуда, ҷиҳати омода намудани кадрҳои баландихтисос, донандагони таъриху фарҳанг, забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русиву англисӣ таваҷҷуҳи бештар намоем. Дар замони ҷаҳонишавӣ мо, аҳли маориф, бояд дар ҷалби бештари наврасону ҷавонон ба омӯзиши фанҳои табиию риёзӣ, дақиқ, техникӣ ва технологияҳои иттилоотӣ корҳои бештарро анҷом бидиҳем.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21 декабри соли 2021ы) бармеояд, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми соле, ки сипарӣ мегардад, як қатор корҳоро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯй ба бозори меҳнат ба анҷом расонид.

Аз таҳлилҳо дар зинаи таҳсилоти касбӣ бармеояд, ки айни ҳол дар ҷумҳурӣ 62 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, 84 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 44 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият дорад. Дар маҷмуъ, дар муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар 354 149 донишҷӯ таҳсил дорад, ки ба онҳо 21 825 омӯзгор дарс мегӯяд. Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ нисбат ба соли 1991 1,6 баробар ва донишҷӯёни муассисаҳои олии кишвар сеюним баробар зиёд гардидааст. Дар замони соҳибистиқлолӣ 19 596 нафар донишҷӯ тибқи квотаи Президентӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро хатм намуданд, ки аз онҳо 12 041 нафар (61,4%)-ро духтарон ва 7 555 нафарро писарон ташкил медиҳанд. Дар ин давра муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриро 238 551 нафар духтар хатм намуданд. Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар 86 768 нафар духтар таҳсил мекунанд.

Сол аз сол таваҷҷуҳи довталабон ба таҳсилоти касбӣ (тамоми зинаҳои касбӣ) ба таври бояду шояд намебошад. Ин раванд на танҳо дар ҷумҳурии мо, балки беш аз 10 сол боз дар давлатҳои Россия, Қазоқистон, Беларус низ ба мушоҳида мерасад. Ин раванд сабаб ва омилҳои худро дорад. Аз ҷумла, паст будани сифати таҳсилот барои тайёр намудани мутахассисони баландпоя монеа эҷод мекунад. Хатмкунандагон аз озмун барои ҷойҳои кори холӣ нагузашта, ба кор таъмин намешаванд. Ҳамчунин, интихоби нодурусти касб низ сабаб мешавад. Ин аст, ки онҳо ба муҳоҷират рафта, тамоман самти дигари фаъолиятро ҳамчун коргари одӣ оғоз мекунанд. Бештари ҷавонони лаёқатманду донишманд хоҳиши дар хориҷи кишвар таҳсил намуданро доранд. Дар бисёр маврид кишварҳои хориҷӣ бо мақсади аз даст надодани довталабони лаёқатманд ва барои нигоҳдории фаъолияти муассиса кӯшиш мекунанд, ки бо роҳҳои ҳавасмандгардонӣ довталабон ва мутахассисони ҷавонро ба таҳсилу фаъолият ҷалб намоянд. Ин аст, ки дар баъзе ҳолатҳо, аз ҷумла, ба вуҷуд омадани мушкилиҳои зиёд дар сатҳи зиндагии ҷавонон пас аз хатм, ҳатто дар раванди таҳсил ҷавонон рӯ ба муҳоҷират меоранд.

Бо зиёд шудани аҳолии кишвар талабот ва таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ бештар мешавад. Мавриди зикр аст, ки соли 2022 дар 16 муассисаи таҳсилоти олии кишвар (самти омӯзгорӣ) теъдоди хатмкунанда 14 468 нафарро ташкил дода, 4751 донишҷӯ ба таври буҷавӣ, 748 донишҷӯи дигар аз тариқи квотаи Президентӣ ва боқимонда шартномавӣ таҳсил мекунанд. Маълум мегардад, ки норасоии кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имрӯз дар умум, аз теъдоди хатмкардагон кам аст. Дар ин самт Вазорати маориф ва илм дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии самти омӯзгории кишвар ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ корҳои муштаракро роҳандозӣ карда, ситоди корӣ таъсис дод, ки барои ҷобаҷогузории кадрҳои омӯзгорӣ, ҳамзамон, дастгирии иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон чораҳои мушаххас андешида мешавад.

Мусаллам аст, ки барои таъмини сифати таҳсилот, пеш аз ҳама, сатҳи касбият ва салоҳияти омӯзгоронро баланд бардоштан лозим аст. Аз ин рӯ, дар ҳама зинаҳои таҳсилот такмили ихтисосу бозомӯзӣ ва тарбияи омӯзгорони ҷавони баландихтисос ва ҷавобгӯй ба талаботи муосир аз масъалаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Дар иртибот ба ин, омӯзгорон ва устодон ба такмили ихтисоси босифат фаро гирифта шуда, дар омӯзиши методика усулҳои нави таълим роҳандозӣ ва мутахассисони соҳа ҷиҳати такмилу таҳияи нави барномаҳои нави таълимӣ сафарбар мегарданд. Ислоҳот ё ин ки азнавсозӣ, аввал дар худи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф гузаронида мешавад. Устодони донишкада ба аттестатсия фаро гирифта шуда, сатҳи салоҳиятнокии онҳо санҷида мешавад. Ҳар устоди донишкада модулҳои таълимии омӯзиши усулҳои нави таълимии худро таҳия намуда, онро ҳимоя менамояд. Дарсҳои омӯзгорони бомаҳорат (ҳамаи фанҳо), ки аз усулҳои нави таълим истифода мебаранд, сабти видеоӣ шуда, ба тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дастрас карда мешаванд. Омӯзгорон ва устодон раванди дарсҳоро бо усулҳои нави таълим тамошо ва дар раванди фаъолияти худ истифода мекунанд.

Тӯли чанд соли охир вобаста ба таълими муносибати босалоҳият дар байни омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ курсҳои такмили ихтисос, семинару машваратҳо гузаронида мешавад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки масъалаи мазкур ба пуррагӣ дар байни муассисаҳои таҳсилотӣ амалӣ нагардидааст. Усулҳои нави таълим, ки ба муносибати босалоҳият алоқамандӣ доранд, барои бедор намудани завқ ва қобилияти наврасону ҷавонон дар фикрронӣ, навоварӣ, иброз намудани фикру ақида ба болоравии саводу пайдо намудани истеъдодҳои нав заминаи мусоид фароҳам меоварад. Дар ин ҷода барнома ва нақшаҳои таълимӣ таҷдиди назар карда шуда, китобҳои дарсӣ низ бознигарииро талаб мекунад. Дар робита ба ин, сатҳи касбияти омӯзгоронро баланд бардоштан лозим аст, ки ба ин масъала муассисаҳои такмили ихтисос машғул мебошанд.

Аз аввали соли таҳсили 2022-2023 барои баланд бардоштани сатҳи касбият ва маҳорати устодон дар Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони МТОК-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таълимии назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо ҷалби мутахассисони байналмилалӣ семинарҳои омӯзишӣ баргузор карда шуд. Дар семинар-машварат мавзуъҳои "Идоракунии сифати барномаҳои таълимӣ", "Баланд бардоштани маҳорати омӯзгории омӯзгорони МТОК", "Инноватсионикунонии раванди таълим" ва "Омӯхтани равишҳои инноватсионии омӯзиш ва таълим ва татбиқи таҷрибаҳои беҳтарини таълим дар МТОК" мавриди омӯзиш қарор дода шуданд, ки барои баланд бардоштани маҳорат ва малакаҳои омӯзгорон дар раванди таълим таъсири мусбат мерасонад.

Дар заминаи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи назди Вазорати маориф ва илм дар ҳамкорӣ бо шабакаҳои телевизионӣ дар шакли электронӣ маводи таълимӣ омода карда шуд, ки 53 васоити таълимӣ ба самти омӯзгорӣ ва тиббӣ рост меояд. Тамоми воситаҳои элект-ронии таълим дар китобхонаи электронӣ ҷой додаву дастраси тамоми муассисаҳои таълимӣ гардонда шудааст. Дар ин раванд дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии самти омӯзгорӣ барои ҳамаи омӯзгорон семинарҳои гурӯҳӣ ва тамошои сабти раванди дарсҳо бо истифода аз усулҳои нави таълим, на кам аз ду маротиба дар давоми ҳафта ташкил карда шуда, иҷрои босифати семинарҳо назорат карда мешавад.

Масъалаи асосӣ дар мавриди баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа мебошад. Зарур аст, ки барои ҷалби ҷавонони лаёқатманду донишманд ба касби омӯзгорӣ тамоми чораҳоро андешем. Вобаста ба ин масъала, раванди баргузор намудани сессияҳои санҷишию имтиҳонотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуд. Маълум гардид, ки дар аксари муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ имтиҳонҳои ниҳоӣ танҳо ба таври тестӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ба роҳ монда мешуданд, ки ин хилофи талаботи банди 79-и Низомномаи системаи таълими кредитӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки сатҳу сифати таълим тағйир наёфта, аксари донишҷӯён дар сессияҳои фаъол қарздор монда, сатҳи донишазхудкунии онҳо поён рафтааст. Баргузории имтиҳонҳои ниҳоӣ бе ҳузури ҳайати профессорону омӯзгорон ба роҳ монда шуда, масъалаи азхудкунии нақшаву барномаҳои таълимӣ ба дӯши кормандони марказҳои тестии назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вогузор карда шудааст. Дар робита бо ин, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар шуруъ аз нимсолаи дуюми соли таҳсили 2021-2022 вобаста ба талаботи барномаи таълимии фан ва хусусиятҳои касбии ихтисосҳо баргузор намудани имтиҳонҳо дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ (60%) ва тестӣ (40%) ба роҳ монда шуд. Дар натиҷа, агар дар давраи аввали имтиҳон теъдоди зиёди донишҷӯён дар имтиҳони шифоҳӣ баҳои паст гирифта бошанд ҳам, дар оянда ин омил метавонад барои рушди қобилияти фикрронӣ, навоварӣ ва дониши назариявии онҳо таъсири мусбат расонад.



Доир ба таҳия ва пешниҳоди санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, Кодекси маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, пас аз баррасии вазорату идораҳои дахлдор ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Дар кодекси мазкур дар қатори дигар навовариҳо таълимоти Дуалӣ қайд карда шуд, ки амалӣ гардонидани ин шакли таълимот метавонад аз ҳар ҷиҳат барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҳамбастагии илм бо истеҳсолот, инчунин, барои сарфа кардани маблағҳои муассисаҳои таҳсилотӣ заминаи мусоид фароҳам оварад. Ҷорӣ намудани таълиомти Дуалӣ барои тайёр намудани мутахассисони баландпояи касбӣ шароит фароҳам меоварад. Дар ин раванд алҳол дар якчанд муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ гурӯҳҳои таҷрибавӣ (пилотӣ) таъсис ва дар доираи маблағҳои лоиҳаҳои бадастовардаи Вазорати маориф ва илм амалӣ карда мешавад.

Сол аз сол таҳия ва ҳимояи рисолаҳои илмӣ мураккаб ва душвор гардида, ин падида ба коҳиш ёфтани теъдоди хоҳишмандоне, ки ба корҳои илмӣ даст мезананд, мусоидат кардааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 36 фоизи теъдоди унвони илмидоштаро синну соли аз 60-сола боло ташкил медиҳад. Бинобар ин, зарур аст, ки барои бештар ҷалб намудани хоҳишмандон аз ҳисоби ҷавонони лаёқатманд барои гирифтани унвону дараҷаҳои илмӣ ва ҷавон намудани сафи олимони кишвар чораҳои мушаххас андешида шавад. Вобаста ба ин, талаботи ҳимояи рисолаҳои ил-

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ба тасвиб расид.

миро сода гардонидан лозим аст. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкурро дар Шурои ректорони МТОК мавриди баррасӣ қарор дода, аз ҷониби вазорат ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо иборат аз 15 банд барои омӯзиш манзур карда шуд.

Омода намудани мутахассисон дар муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар ва дар ин замина таъмин намудани соҳаҳои мухталифи халқи ҷумҳурӣ бо мутахассисони соҳибкасб аз масъалаҳои муҳим буда, бо дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Вазорати маориф ва илм гурӯҳи кории байниидоравӣ аз ҳисоби мутахассисони масъули соҳавии вазорату идораҳо таъсис дода шуд. Аз ҷониби гурӯҳи корӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии тайёр намудани мутахассисон дар хориҷи кишвар мавриди таҳлил ва бозбинӣ қарор гирифт. Дар муҳлати муайянгардида ба ҳуҷҷатҳои дахлдори Маркази барномаҳои байналмилалии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуд ва моҳи ноябри соли равон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид. Маркази барномаҳои байналмилалии назди Вазорати маориф ва илм муваззаф гардид, ки фаъолияти худро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа роҳандозӣ намояд. Бо мақсади тайёр намудани мутахассисон аз тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар, марказ бо муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳамкориҳои судманд роҳандозӣ намуда, мунтазам озмунҳои қабули довталабонро мегузаронад.

Дар заминаи ҳамкориҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ 123 созишномаи ҳамкории байниҳукуматӣ дар соҳаи маориф, илм ва техника ва 83 созишномаи ҳамкории байниидоравӣ амал карда истодааст. Дар асоси ин санадҳо айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатҳои хориҷӣ зиёда аз 30 ҳазор шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисосҳои барои иқтисодиёти миллии кишвар зарур таҳсил менамоянд.

Агар соли 2019 барои таҳсил дар давлатҳои хориҷӣ 5993 донишҷӯй, аз ҷумла, дар Федератсияи Россия - 4237, Ҷумҳурии Халқии Хитой - 197, Ҷумҳурии Беларус - 8, Ҷумҳурии Қазоқистон - 50, Ҷумҳурии Қирғизистон 25, Украина – 20, Туркия - 42, Ҷумҳурии Озарбойҷон-4, Индонезия - 10, Донишкадаи давлатии муносибатҳои байналмилалии Москва - 5 ва давлатҳои дигар – 1400 донишҷӯ фаро гирифта шуда бошад, ин теъдод соли 2022 боз ҳам такмил дода шуд. Аз 73 нафар стипендиате, ки аз ҷониби Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба интихоб ва тайёр намудани кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илми давлатҳои хориҷӣ тасдиқ шуданд, 36 нафарашон дар зинаи бакалавр, 6 нафар дар зинаи магистратура, 23 нафар дар зинаи ординатураи клиникӣ, 7 нафар дар зинаи аспирантура ва 1 нафар дигар ба зинаи докторантура дохил шуда, ба таҳсил ба Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Федеролии Олмон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Англия, Испания, Аморати Муттаҳидаи Араб фиристода шуданд. Раванди таълими стипендиатҳо ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии кишварҳои хориҷӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази барномаҳои байналмилалӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дода шудааст.

Бо мақсади иҷрои дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон айни ҳол Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор феҳристи ягонаи донишҷӯёни тоҷикистониро, ки дар хориҷи кишвар таҳсил менамоянд, таъсис дода, барои ташкили махзани ягона тамоми чораҳоро андешида истодааст.

Бо дарназардошти он ки Вазорати маориф ва илм пешбарандаи сиёсати давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таълиму тарбия, омода намудани мутахассисони ҳамаи соҳаҳои мухталифи ҷомеа ба ҳисоб меравад, кормандони вазорат бояд аз ҷиҳати илмӣ такмилёфта ва таҷрибаи бою ғании соҳавиро доро бошанд. Бо мақсади ҷалби мутахассисони баландпояи соҳавии унвони илмидошта ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ тағйиру иловаҳо ворид намудан мувофиқи мақсад аст. Ин ба он маъност, ки барои кормандони дастгоҳи марказии ВМИ ҶТ меъёри 30 - фоизаи иловагӣ ба музди маош аз дараҷа ва унвони илмӣ татбиқ карда шавад.

Ҳамзамон, бо мақсади ҷалби ҷавонон ба зинаҳои таҳсилоти касбӣ ва баъдидипломӣ, барои ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи уҳдадориҳои ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ" ҷиҳати додани имтиёзҳо ба донишҷӯёни зинаи магистратура ҳангоми таҳсил ҷалб нагардидани онҳо ба хизмати ҳарбӣ, ҳамзамон, ба муаллимони шаҳру маҳалҳо, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ машғуланд, чораҳои амалӣ андешидан зарур аст. Вобаста ба масъалаҳои мазкур аз ҷониби Вазорати маориф ва илм таҳлилҳо гузаронида шуда, барои амалӣ намудани онҳо чораҳои мушаххас андешида мешавад.

СОЗАНДАГӢ

# Бунёди бомароми иншооти соҳаи маориф

**Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №553 «Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» аз ҳисоби маблағҳои мутамаркази асосӣ ба Вазорати маориф ва илм барои сохтмони иншооти соҳаи маориф ба андозаи 30 млн сомонӣ маблағ пешбинӣ гардида буд.**

Дар доираи маблағи пешбинишуда номгӯи иншооти сохташаванда тартиб дода шуда, бо вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо ва молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуд. Дар доираи номгӯи мазкур сохтмони 31 иншооти соҳаи маориф ба маблағи умумии 29 млн. 536 ҳазор сомонӣ ва лоиҳакашии 4 иншоот ба маблағи 464 ҳазор сомонӣ тартиб дода шуд.

Аз ҷумла, ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №504 «Дар бораи Барномаи давлатии рушди муассисаҳои соҳаи маорифи вилояти Хатлон барои солҳои 2017-2021» сохтмони 5 иншоот ба маблағи 4 млн 839 ҳазор сомонӣ (16,38%), тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.08.2008, №436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд», сохтмони 3 иншоот ба маблағи 2 млн. 466 ҳазор сомонӣ (8,3%), тибқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо ба номгӯи зикргардида сохтмони 4 иншоот ба маблағи 4 млн. 300 ҳазор сомонӣ (14,5%), тибқи Нақшаи чорабиниҳои таҷлили 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2018, №510) сохтмони 6 иншоот ба маблағи 7 млн 724 ҳазор сомонӣ (26,3%), тибқи дигар қарору фармоиш ва Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони 13 иншоот ба маблағи 10 млн. 206 ҳазору 640 сомонӣ (34,52%) ба номгӯи иншооти сохташавандаи соли 2022 ворид карда шуд.

Соли равон дар доираи номгӯи мазкур сохтмони бинои Коллеҷи ҳунарҳои мардумӣ барои 320 ҷойи нишаст дар маркази шаҳри Истаравшан ба анҷом расида, моҳи августи соли ҷорӣ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон расман мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд. Инчунин, бинои муассисаи таълимии №43 барои 240 ҷойи нишаст дар деҳаи Ҳуснободи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва бинои муассисаи таълимии №18 барои 240 ҷойи нишаст дар деҳаи Шибанайи ноҳияиТемурмалик моҳи сентябри соли равон бо иштироки Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Қоҳир Расулзода ба истифода дода шуд.

Ҳамзамон, соли равон сохтмони бинои муассисаи таълимии №13 барои 240 ҷойи нишаст дар деҳаи Дашти ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, сохтмони бинои толори варзишӣ дар назди муасисаи таълимии №47-и деҳаи Нилкони ноҳияи Рӯдакӣ, сохтмони бинои толори варзишӣ дар назди муассисаи таълимии №28, деҳаи Навободи ноҳияи Шуғнон, сохтмони нотамоми бинои муассисаи таълимии №1 дар деҳаи Хобости ноҳияи Роштқалъа, сохтмони толори варзишӣ дар назди Гимназия-парваришгоҳи санатории ба номи Б. Ғафурови ноҳияи Рӯдакӣ ва таҷдиду барқарорсозии толори варзишии муассисаи таълимии №2, ноҳияи Темурмалик ба анҷом расида, мавриди истифодабарӣ қарор дода шуданд.

Илова ба ин, дар доираи маблағҳои мутамаркази асосии соли 2021 сохтмони муассисаи таълимии №34 барои 240 ҷойи нишаст дар деҳаи Н. Қарабоеви ноҳияи Шаҳритус ва бинои маъмурии шуъбаи маорифи ноҳияи Қубодиён ба анҷом расида, моҳи ноябри соли ҷорӣ бинои маъмурии шуъбаи маорифи ноҳияи Қубодиён бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муассисаи таълимии №34 барои 240 ҷойи нишаст дар деҳаи Н. Қарабоеви ноҳияи Шаҳритус бо иштироки намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон расман мавриди истифодабарӣ қарор дода шуданд.

Дар маҷмуъ, соли 2022 аз ҳисоби маблағҳои мутамаркази асосии ба Вазорати маориф ва илм ҷудогардида ба андозаи 30 млн сомонӣ корҳои сохтмонӣ ва муҷаҳҳазгардонӣ ба анҷом расонида шуд, ки нисбат ба нақшаи солона 100%-ро ташкил медиҳад.

Дар доираи амалигардонии Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар ва Турсунзода, ки таҳсилашон бо забони русӣ ба роҳ монда мешавад (аз 17.04.2019), корҳои сохтмонӣ дар муассисаҳои таълимии зикргардида моҳи августи соли 2021 оғоз гардид.

Мавриди зикр аст, ки фармоишгари сохтмони иншооти зикргардида Бонки Авруосиёгии рушдбуда, барои амалигардонии лоиҳаи мазкур бо пудратчии асосӣ ҶДММ "Зарубеждипстрой"-и Федератсияи Россия шартнома оид ба лоиҳакашӣ ва сохтмони 5 муассисаи таълимӣ ба имзо расонидааст.

Ҳамзамон, аз ҷониби пудратчии асосӣ филиали ҶДММ "Зарубеждипстрой"-и Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сохтмони муассисаи таълимӣ барои 1224 ҷойи нишаст дар шаҳри Душанбе бо ҶСП "ТГЭМ", барои сохтмони муассисаи таълимӣ барои 1224 ҷойи нишаст дар шаҳри Хуҷанд бо ҶДММ "Нуроб", барои сохтмони муассисаи таълимӣ барои 1224 ҷойи нишаст дар шаҳри Турсунзода бо ҶСК "Алюминсохтмон" ва барои сохтмони муассисаи таълимӣ барои 1224 ҷойи нишаст дар шаҳри Кӯлоб бо ҶДММ "Строй Сентр" шартномаи зерпудратӣ баста шуд. Илова ба ин, сохтмони муассисаи таълимӣ барои 1224 ҷойи нишаст дар шаҳри Бохтар аз ҷониби филиали ҶДММ "Зарубеждипстрой"-и Федератсияи Россия ба роҳ монда шуд.

Дар доираи сафари кории Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Россия Валентина Матвиенко ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рус-тами Эмомалӣ санаи 25.02.2022 ба майдони сохтмони муассисаи таълимӣ барои 1224 ҷойи нишаст дар шаҳри Душанбе ташриф оварда, бо рафти корҳои сохтмонӣ аз наздик шинос шуданд. Инчунин, дар ҳамон ҷо бо рафти корҳои сохтмонии иншооти сохташаванда дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва Турсунзода ба тариқӣ маҷозӣ шинос шуданд. Баъди шиносоӣ бо рафти корҳои сохтмонӣ дар 5 муассисаи таълимии сохташаванда ба масъулин дастур дода шуд, ки сохтмони иншоот тибқи нақша моҳи сентябри соли ҷорӣ бо сифати баланд ба анҷом расонида шавад.

Вобаста ба рафти корҳои сохтмонӣ аз аввали татбиқи созишнома вобаста ба сохтмони иншоот 13 маротиба ҷаласаи Ситоди ҷумҳуриявӣ бо роҳбарии муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмоналӣ Усмонзода ва намояндагони Бонки Авруосиёгии рушд ва муътадилгардонӣ, филиали ҶДММ "Зарубеждипстрой"-и Федератсияи Россия, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб Хуҷанд, Бохтар, Турсунзода ва зерпудратчиёни маҳаллӣ гузаронида шуда, вобаста ба масъалаҳои ҳалталаб дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Рафти иҷори корҳои сохтмонӣ дар ҳамкорӣ бо намояндагони Гурӯҳи татбиқи лоиҳаи сохтмони мактабҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиалиҶДММ "Зарубеждипстрой"-и Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати доимӣ қарор дода шуд.

Мавриди зикр аст, ки 1 сентябри соли 2022 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия, муҳтарам Владимир Путин ба тариқи маҷозӣ муассисаҳои таълимии таҳсилашон ба забони русӣ ҳар кадоме барои 1224 ҷойи нишаст дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб Хуҷанд, Бохтар ва Турсунзода расман мавриди истифодабарӣ қарор дода шуда, муассисаҳои таълимии зикргардида ба фаъолият оғоз намуданд.

Мавриди зикр аст, ки бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди таълимӣ ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта вобаста ба сохтмону азнавсозии иншооти соҳаи маориф ва норасоии ҷойи нишаст дар вилояти Хатлон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2022, №533 "Дар бораи Барномаи давлатии рушди муассисаҳои соҳаи маорифи вилояти Хатлон барои солҳои 2022-2027" қабул гардид.

Тибқи Нақшаи амали «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои соҳаи маорифи вилояти Хатлон барои солҳои 2022-2027 дар марҳилаи якум (солҳои 2022-2024)» сохтмон ва таъмиру азнавсозии 173 бинои муассисаи таҳсилоти умумӣ барои 52850 ҷойи нишаст бо маблағи 693 млн 800 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Вобаста ба амалигардонии барномаи мазкур дар ҳамкорӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст.

Тибқи маълумоти омории дастрасгардида, соли 2022 дар қаламрави ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 199 бинои муассисаи таҳсилоти умумӣ ва бинову синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои 44910 ҷойи нишаст дар як баст бо маблағи умумии 615 млн. 691 ҳазор сомонӣ сохта ба истифода дода шуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки аз ин шумора 62 бинои муассисаи таҳсилоти умумӣ барои 14561 ҷойи нишаст аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ ва 66 бинову синфхонаи иловагӣ барои 6543 ҷойи нишаст ба тариқи ҳашар сохта ба истифода дода шудааст.

***Дилшод САФАРЗОДА,***
***сардори раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон***

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» қабул гардид.**

РУШД

# Маориф – бунёди миллати мутамаддин

***Омӯзиши пайваста инсонро ҳамеша дар зиндагӣ сарбаланду некном мегардонад ва заминаи мусоид ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои олӣ фароҳам меорад. Азхуд намудани илму донишро шоирону нависандагони классикии форсу тоҷик ҳамвора талқин кардаанд. Мусаллам аст, ки дарки вазъи ҷомеа ва маърифати замон аз омӯзиши огоҳона ва мақсаднок сарчашма мегирад. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар ин хусус неку фармуда:***

*Зи дониш шавад кори гетӣ ба соз,*
*Зи бедонишӣ кор гардад дароз.*

Дарвоқеъ, дониш ва дарки масоили мураккабу печидаи замон инсонро дар ҷомеа соҳибмақому соҳибэҳтиром мегардонад ва ба сарзамини мурод мерасонад. Бинобар ин, бузургонамон илму донишро омили раҳоӣ аз мушкилот ва азобҳои зиндагӣ донистаанд. Камолиддини Биноӣ дар хусуси аҳамияти илму дониш чунин гуфтааст:

*Эй бародар, ба касби илм гарой,*
*Пой бар ҷаҳл нех, ба илм дарой!*
*Маърифат ҷуз ба илм натвон ёфт*
*В-ин сифат ҷуз ба илм натвон ёфт.*

Дар ин боб ашъори зиёдеро метавон мисол оварду таҳлил намуд, ки шоирон илму донишро асоси рушди тафаккури инсон ва пешрафту рушди ҷомеа арзёбӣ кардаанд. Аз ин лиҳоз, мактабу маориф сарчашмаи омӯзишу мутолиа буда, инсон маҳз дар ҳамин дабистон ба камол мерасад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри ба таври фарогир азхуд кардани донишҳои замонавӣ ба наврасону ҷавонон шароити мусоид фароҳам овардааст. Мактаби миллии мо тадриҷан рушду такомул меёбад. Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23.12.2022) таъкид доштанд: **«Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро, агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад».**

Яъне, нақши мактабу маориф дар рушди давлатдории миллӣ муҳим буда, маҳз ба василаи ин рукни калидӣ насли ояндасози миллат ба камол мерасад. Дар ин маврид Пешвои миллат таъкид карданд, ки «бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад». Дар ин самт аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби бештари наврасону ҷавонон ба омӯзишу мутолиа корҳои зиёде анҷом дода шуда, ин раванд бозгӯйи он аст, ки ҷомеаю кишвар дар масъалаи тарбия ва ба камол расондани мутахассисони варзида ба муваффақияту дастовардҳои бузург ноил гардидааст. Дар ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо омӯзгор соҳибэҳтиром асту донишҷӯ дар пайи ба даст овардани донишҳои замонавӣ кӯшишу талошҳои самаровар анҷом медиҳад. Бояд гуфт, ки дар ин замина, дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мактабу маориф қарор дорад ва марҳала ба марҳала вазъи муассисаҳои таълимӣ беҳтар мегардад. Маҳз таваҷҷуҳи пайвастаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди давлатдорӣ ва маорифи миллӣ заминаи муътамад мегузорад. Бо дастури Пешвои миллат ҷиҳати азхуд намудани илмҳои бунёдӣ аз ҷониби насли наврас ва ҷавонон барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, солҳои 2020-2040» эълон гардид, ки бо ҳадафи ҷоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар ҳамбастагии амиқ дорад. Зеро дар кишвар корхонаҳои бузурги саноатӣ бунёд гардида истодаанд, ки мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори ҷаҳонии меҳнатро тақозо менамоянд. Дар ин росто, сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ тадриҷан баланд ва ҷалби хонандагон ба омӯзиши илмҳои бунёдӣ бештар мегардад. Бо ин мақсад Вазорати маориф ва илми кишвар низ нақша-чорабиниҳо тартиб дода, баҳри вусъат бахшидани омӯзиши илмҳои дақиқ корҳои зиёди судмандро анҷом дода истодааст.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус зикр намуданд: **«Ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаем».**




Иқдомоти Ҳукумат дар роҳи баланд гардидани сифати таҳсилот ва фароҳам овардани шароити ба замони муосир созгори таҳсил шоистаи дастгирист ва саъйю талошҳо бозгӯйи онанд, ки низоми таълим дар кишвари мо рӯзафзун беҳтару самаровар мегардад. Ҳамин аст, ки хонандагону донишҷӯёни тоҷик бо донишу тафаккури пешрафтаи худ дар радифи муҳассилини кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон қарор доранд. Дар ин маврид Сарвари давлат таъкид намуданд, ки **«мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад. Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад. Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад».**

Бояд гуфт, ки заминаи асосии раҳоӣ аз ҷаҳолат ва хурофот омӯзишу мутолиоти бардавом мебошад. Маҳз омӯзишу мутолиа ва азхуд кардани илмҳои гуногуни замонавӣ ба он мусоидат мекунад, ки насли наврас ва ҷавонон донишу ҷаҳонбинии хешро такомул бахшида, дар пешрафту шукуфоии кишвар саҳми муносиб гузоранд.

Имрӯз барои дарёфт ва қадршиносии истеъдодҳои ҷавон дар кишвар озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» гузаронида мешаванд. Махсусан, озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар масъалаи худшиносӣ ва тарбияи маърифати наврасону ҷавонон ба ҷалби онҳо ба омӯзишу мутолиа таҳаввулоти бузургеро ба амал овард. Озмунҳои мазкур ҳамчун падидаи бузурги маънавӣ таваҷҷуҳи волидонро низ дар ҷалби фарзандон ба омӯзиш бештар намуданд. Дар ин бобат, аз ҷониби ҳукумат ва мақомоти иҷроияи шаҳру навоҳӣ биноҳои нави китобхонаҳо бунёд ва талабот ба китобу китобхона зиёд гардидааст. Дар ин замина метавон аз иштироки донишҷӯёни равияи илмҳои дақиқу риёзии макотиби олии кишвар ёдовар шуд. Онҳо дар баробари хондан дар самтҳои гуногун ба мутолиа ва эҷодкорӣ таваҷҷуҳ доранд, ки ин, аз як тараф, ҷаҳонбиниву тафаккури онҳоро фарох намояд, аз ҷониби дигар, ба омилҳое чун кашфу ихтироъкорӣ замина фароҳам меорад. Чунки илмҳои дақиқ низ эҷодкориро талаб мекунанд. Барои пешниҳоди ғояи нави илмӣ ва кашфиёту ихтирооти замонавӣ имрӯз дарки фаҳмиш ва дониши фаровон зарур аст. Онҳо дар баробари фаъолияти амалӣ дар донишгоҳу донишкада ва коллеҷҳои техникиву иқтисодӣ ва тиббӣ пайваста ба омӯзишу мутолиа машғуланд, ки дар раванди таҳсили донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад.

Боиси ифтихор аст, ки дар макотиби олии кишвар шароити созгор ҷиҳати омӯзиш ва бархӯрдор гардидан аз донишҳои замонавӣ ва мутолиаю омӯзиши асарҳои бадеӣ фароҳам оварда шудааст. Дар мактабҳои олии кишвар китобхонаҳои замонавӣ мавҷуданд, ки дар онҳо ҳамбаста бо адабиёти таълимӣ, илмӣ, инчунин, асарҳои бадеӣ гирд оварда шудааст. Ин омилро дар иштироки донишҷӯёни коллеҷу донишгоҳҳои тиббӣ, мактабҳои олии техникӣ ва иқтисодии мамлакат метавон мушоҳида кард. Иштироки муҳассилини бахшҳои техникиву иқтисодӣ ва тиббии мамлакат дар озмуни мазкур нишон медиҳад, ки фазои таълиму омӯзиш дар сатҳи баланд ҷараён дошта, донишҷӯён пайваста ҷиҳати такмилу маҳорату малака ва лаёқати худ асарҳои бадеӣ мутолиа мекунанд. Ба тасдиқи ин гуфтаҳо аз иштироки фаъоли донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат, коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент ва коллеҷи омӯзгории ноҳияи Лахш ёдовар шуд, ки дар озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд.

Бояд гуфт, ки омӯзиши асарҳои бадеӣ дар мактабҳои олии равияҳои техникиву иқтисодӣ ва тиббӣ ҷиҳати татбиқи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» заминаи мусоид фароҳам меорад ва ҷавононро дар масъалаи дарки вазъи ҷаҳони муосир ва муҳиммияти фанҳои бунёдӣ ёрӣ мерасонад. Дар давоми чор соли баргузории озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» иштироки донишҷӯёну омӯзгорони мактабҳои олии ғайрифилологӣ тадриҷан зиёд ва таваҷҷуҳ дар ин муассисаҳо бештар гардида, дар масъалаи мутолиаю омӯзиши бардавом қадамҳои ҷиддӣ гузошта мешавад.

Дар ин замина, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ асарҳои зиёди бадеӣ ҷоп ва дастраси хонандагону донишҷӯён гардонида шуд. Соли равон низ озмуни мазкур дар сатҳи баланд баргузор гардид ва чеҳраҳои навро, ки дорои донишу ҷаҳонбинии фарох мебошанд, муаррифӣ намуд. Посухҳои довталабон дар номинаҳои озмун тавассути ҳамаи шабакаҳои телевизионӣ баёнгари он аст, ки наврасону ҷавонон асарҳои зиёди бадеӣ мутолиа кардаанд. Шаҳодати ин гуфта он аст, ки андешаву мулоҳизоти хешро равшан баён карда метавонанд. Воқеан, китоб маърифатбахши зиндагии бани башар буда, танҳо инсоне, ки ба мутолиаи бардавом машғул аст, ба ҳадафҳои олии хеш мерасад.

Ҳадаф аз баргузор намудани озмунҳо ва таҳияву нашри барномаҳои таълимии наву созгор ба замони муосир он аст, ки насли нав ва ҷавонони кишвар бо омӯзишу андӯхтаҳо ва дар заминаи истеъдоду неруи интеллектуалии худ ба кашфу ихтироот комёб гарданд. Ҷаҳони зудтағйирбанда дар назди инсоният масоилу мушкилоти зиёд ва вазифаҳои глобалиро мегузорад. Дар ин росто, бояд аз байни ҷавонони донишвару соҳибқобилияти ҷумҳурӣ нафароне ба камол расанд, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ бо дастовардҳои илмӣ ва осори бадеии нодири хеш ҷумҳуриро ба таври шоиста муаррифӣ намоянд.

*Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА,*
*Насриддин ОХУНЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

ХЕШТАНШИНОСӢ

# Мавқеи Тоҷикистон

## ё чаро Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари таҷовузгар нест?

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

**МУШКИЛИ ҲУҶҶАТҲОИ НАВИ ТАКЯГОҲИИ ҶОНИБИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР ЧИСТ?**

Ҳуҷҷати якум, яъне «Созишнома дар бораи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» аз 08.12.1991 ҳуҷҷати таъсиси ин ташкилоти байналхалқӣ буда, усулҳои таъсисӣ, самту ҳавзаҳои фаъолият ва сохтору ҳадафҳои ИДМ ва низоми муносибатҳои байни давлатҳои узв дар доираи ин ташкилотро муайян ва танзим мекунад. Ба истилоҳи ҳуқуқи байналмилалӣ, мавзӯи ин созишнома танзими баҳсу масъалаҳои марзии байни давлатҳо нест ва тибқи талаботи Конвенсияи Вена дар бораи мақоми шартномаҳои байналмилалӣ (аз 23-юми майи соли 1969), ин санад аз рӯи мавзӯи худ наметавонад ҳамчун асоси ҳуқуқӣ барои танзим ва ҳалли баҳси сарҳадҳои давлатӣ эътироф ва корбурд шавад. Посухи радди ҷониби Тоҷикистон барои асос қарор додани ин Созишнома, ки моҳи сентябри соли 2022 аз тарафи вазири корҳои хориҷии кишвар дар Маҷмаи умумии СММ садо дод, низ маҳз аз ҳамин иборат аст.

Шарҳи ҳуқуқии ин нукта чунин аст, ки тибқи моддаи 10-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 26-уми Конвенсияи Венна дар бораи мақоми созишномаҳои байналмилалӣ, ки «Pacta sunt servanda» ё ҳатмияти иҷрои созишномаҳо ном дорад, ҷониби Тоҷикистон ба тамоми санадҳои байналмилалие, ки расман эътироф намудааст, аз ҷумла, ба Созишномаи таъсисии ИДМ эҳтиром ва пойбандӣ дорад. Аммо, мувофиқи банди 1-уми моддаи 31-уми худи Конвенсияи Вена дар бораи мақоми созишномаҳои байналхалқӣ (1969), «МАЗМУНИ СОЗИШНОМА БОЯД ТАНҲО ДАР ДОИРАИ МАВЗӮЪ ВА ҲАДАФИ ХУДАШ ТАФСИР КАРДА ШАВАД». Дар ин маврид бошад, худи номи Созишномаи таъсиси ИДМ(1) ва банди якуми он (2) таъкид мекунанд, ки мавзӯи ин созишнома маҳз таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ҳадафи он муайян намудани усули муносибатҳои байни давлатҳои узв мебошад. Аз ин рӯ, ба манфиати худ тафсир карда, ба масъалаи танзими баҳсҳои сарҳадӣ кашидани ин Созишнома дуруст нест.

Илова бар ин, мувофиқи Протокол дар бораи таъсиси ИДМ аз 21-уми декабри соли 1991, ки ҷузъи таркибии ин Созишнома ба ҳисоб меравад, бояд барои татбиқи Созишномаи таъсиси ИДМ механизми мушаххаси амалисозии он таҳия ва қабул мегашт. Чун ин Созишнома дар аввал ҳамагӣ аз тарафи се кишвар (Русия, Украина ва Беларус) таҳия ва имзо шуда буд, протоколи замимавии таркибӣ пешбинӣ мекард, ки бо назардошти исложоти минбаъдаи кишварҳои ба он ҳамроҳшаванда ва имзокунанда, дар оянда дар асоси ин Созишнома ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи муносибати байни кишварҳо дар самтҳои гуногун таҳия мегарданд. Аммо дар амал, то имрӯз дар асоси ин Созишнома ҳеҷ ҳуҷҷати танзимкунандаи масъалаи марзҳои байни кишварҳои узв таҳия ва қабул нагашта, банду меъёрҳои он дар сатҳи умумӣ боқӣ монданд.

Ин мавқеи Тоҷикистон, яъне радди истифодаи Созишномаи таъсисии ИДМ дар ин маврид, аз назари амалӣ низ дуруст аст, зеро дар аксари ташкилотҳои байналхалқӣ байни аъзои он низоъҳои сарҳадӣ идома меёбанд, ки низомнома ё мавҷудияти ташкилот онҳоро ба таври мустақим танзим ва ҳал намекунад. Масалан, кишварҳои Чин, Ҳинд ва Покистон ҳар се узви Созмони ҳамкории Шанхай ҳастанд ва кишварҳои узви ин созмон низ дар низомномаи таъсисӣ ягонагии арзӣ ва сарҳадҳои расмии ҳамдигарро эътироф мекунанд. Аммо узвият дар СҲШ ба худии худ масъала ва баҳси сарҳади давлатӣ байни ин кишварҳоро танзим намекунад ва ихтилофу ҷангҳои онҳо ҳамоно идома дорад. Узвият дар СҲШ аз ин кишварҳо талаб дорад, ки ихтилофҳои сарҳадиро дар рӯҳияи дӯстиву шарикӣ ҳал кунанд, аммо худи масъаларо ба таври мустақим танзим ва ҳал намекунад. Он бояд дар сатҳи тавофуқи дуҷонибаи ин кишварҳо дар ҳамин масъалаи мушаххас ҳал гардад.

Ба таври мушаххас, Созишномаи таъсисии ИДМ ва узвият дар ин ташкилот баҳсу низоъҳои сарҳадӣ байни Озорбойҷону Арманистон, Русияву Украина, Русияву Гурҷистон, Ӯзбекистону Қирғизистон ва ғайраро низ ҳал накардааст ва нахоҳад кард, зеро мавзӯъ ва таъйиноти ин созишнома чунин нест.

(Албатта, ҷониби Қирғизистон худ дар амал ба Созишномаи таъсисии ИДМ низ пойбанд нест, зеро талаб ва дар соли 2004 бозгирии 50 000 га замини иҷоравӣ дар водии Олой, ки дар замони фурӯпошии ИҶШС ва таъсиси ИДМ дар ихтиёри Тоҷикистон буд, далели ин воқеият аст.)

Ҳуҷҷати дигари пешниҳоднамудаи ҷониби Қирғизистон, яъне «Аҳднома дар бораи асосҳои муносибатҳои байнидавлатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон» низ усулҳои муносибат байни ду кишвари мустақилли ҳамсояро муайян карда, дар айни замон, масъалаи сарҳадҳои давлатии байни ду кишварро ҳал ва танзим намекунад. Албатта, ин санад, ки муносибати дӯстона ва сулҳомези байни ду кишварро пешбинӣ менамояд, метавонад ҳамчун замина ва фазои муносиби сиёсию ҳуқуқӣ, барои ба таври осоишта ҳал шудани баҳси марзҳо кумак кунанд. Аз ҷумла, мазмуну меъёрҳои ин созишномаҳои дӯстиву ҳамкорӣ аз Қирғизистон мантиқан тақозо доранд, ки заминҳои Тоҷикистонро дӯстона баргардонда, масъаларо ба ҷангу низоъ накашад.

Ё банди 5-уми ин Аҳднома, ки ба «эътирофу эҳтироми тамомияти ҳудудии ҳамдигар» таъкид кардааст, мазмунан тақозо дорад, ки Қирғизистон ягонагии ҳудудии Тоҷикистонро дар марзҳои қонунии он эътироф карда, заминҳои қонунии Тоҷикистонро ба соҳиби аслияш баргардонад. Аммо ин ҳуҷҷатҳо асосе барои таъйин хатти сарҳад дар қитъаҳои мушаххаси баҳсноки марз буда наметавонад.

Се ҳуҷҷати дигари пешниҳоднамудаи ҷониби Қирғизистон, яъне Оинномаи ИДМ, Эъломияи Алмаато ва Эъломияи Москва низ бо ҳамин далелҳо, яъне танзими масъалаи баҳсҳои сарҳадӣ набудани мавзӯъ ва таъйиноти онҳо, дар музокироти марзӣ қобили истифода нестанд.

Вале нуктаи калидие, ки ҷониби Қирғизистон дар ин ҳуҷҷатҳо ба он такя мекунад, дар онҳо истифода шудани истилоҳи «сарҳадҳои мавҷуда» мебошад. Яъне, аксари ин ҳуҷҷатҳо пешбинӣ мекунанд, ки кишварҳо ҳудуди ҳамдигарро дар доираи «сарҳадҳои мавҷуда» дар лаҳзаи фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ё лаҳзаи таъсиси ИДМ эътироф мекунанд.

Аз ҷумла, дар сархати 3-и моддаи 3-и Оинномаи ИДМ, ки 22 январи соли 1993 дар шаҳри Минск бо иштироки давлатҳои узв ба тавсиб расидааст, аслҳое чун "даҳлнопазирии сарҳадҳои давлатӣ", "эътирофи сарҳадҳои мавҷуда" ва "худдорӣ аз ғасби ғайриқонунии ҳудудҳо" эълон шудаанд. Чун асли ҳуҷҷати мазкур ба забони русист, ин иборақо дар шакли "нерушимость государственных границ, признание существующих границ и отказ от противоправных территориальных приобретений" оварда шудаанд.

Дар моддаи 5 Созишномаи таъсисии ИДМ аз 8 декабри соли 1991 низ мафҳуми «сарҳади мавҷуда» («неприкосновенность существующих границ») истифода шудааст.

Дар бандҳои 1-ум ва 5-уми Аҳдномаи муносибатҳои байнидавлатии ду кишвар низ ба аслҳое чун «даҳлнопазирии сарҳадҳо» ва «эътирофи тамомияти арзӣ»-и ҳамдигар таъкид гаштааст.

Аммо ду ҷониби музокироти сарҳадӣ мафҳуми "сарҳадҳои мавҷуда"-ро ба тарзи гуногун мефаҳманд. Ҷониби Қирғизистон ин мафҳумро ба нафъи худ тафсир намуда, чунин мешуморад, ки "сарҳадҳои мавҷуда" сарҳадҳое ҳастанд, ки дар лаҳзаи фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ байни давлатҳои мустақили меросбари он ба вуҷуд омадаанд. Ба назари онҳо, ин воқеият бояд эътироф гашта, дар асоси ҳамин воқеияти мавҷуда санадҳо тартиб дода шаванд. Бо чунин фаҳмиши ибораи "сарҳадҳои мавҷуда" қариб ҳамаи заминҳои қонунии Тоҷикистон, ки ҳоло дар ихтиёр ё ғасби Қирғизистон ҳастанд, ба Қирғизистон вогузор мешаванд.

Аммо ба назари ҷониби Тоҷикистон, ТАНҲО ҲАМОН САРҲАДЕ ЧУН «САРҲАДИ МАВҶУДА» ЭЪТИРОФ ШУДА МЕТАВОНАД, КИ БА САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ САТҲИ ДАВЛАТӢ ВА БО ТАРТИБИ МУҚАРРАРГАРДИДА ТАСДИҚ ШУДА БОШАНД. Аз ин рӯ, "сарҳадҳои мавҷуда" байни Тоҷикистон ва Қирғизистон танҳо ҳамон сарҳадҳои муайяншуда дар доираи ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-12927 ва 1932 мебошанд, ки расмияти қонунӣ барои муайян кардани сарҳадро гузаштаанд.

Ин мавқеи Тоҷикистон аз назари ҳуқуқӣ дуруст буда, аз назари амалӣ ва сиёсӣ низ ба манфиати кишвар аст, зеро дар ҳолати аз ҷониби Тоҷикистон эътироф гаштани ҳуҷҷатҳои дигар ё сарҳадҳои амалан шаклгирифтаи замони фурӯпошии Шуравӣ, аксари заминҳо дар ихтиёри Қирғизистон боқӣ монда, аз ҷумла, минтақаи Ворух расман ба эксклави эътирофшуда табдил мешавад. Ҳолате, ки Тоҷикистон бо он ҳаргиз розӣ шуда наметавонад. Бинобар ин, Тоҷикистон аз фаҳмиши дурусти мафҳуми "сарҳадҳои мавҷуда" корбарӣ мекунад.

Албатта, рафти музокироти чандсола нишон медиҳанд, ки ҷониби Қирғизистон ба мафҳуми "марзҳои мавҷуда" асосан дар ҳолатҳое таъкид ва такя мекунад, ки ба манфиати ин кишвар бошад. Тавре зикр шуд, масалан, дар музокироти соли 2003 ҷониби Қирғизистон талаб намуд, ки бо сабаби ба поён расидани муддати иҷора, 50 000 гектар замине, ки Тоҷикистон дар водии Олой (Мургоб) аз Қирғизистон ба муҳлати 50 сол (аз соли 1942) ба иҷора гирифта буд, ҳатман ба ин кишвар баргардонда шавад. Ҷониби Тоҷикистон дар ин масъала ҳусни ҳамсоягӣ ва конунписандӣ нишон дода, соли 2004 ин заминро бо тантана ба Қирғизистон баргардонд. Дар ин раванд, ҳатто ба сокинони ин минтақа ихтиёр дода шуд, ки шаҳрвандии Қирғизистонро қабул карда, ҳамроҳи ин замин ба он кишвар гузаранд.

*(Давом дорад)*

*Абдуллоҳи РАҲНАМО,*
*коршинос оид ба масъалаҳои байналмилалӣ*

МАЗАММАТ

Дар солҳои истиқлолият даҳҳо ҷунбишу ҳизби гуногун пайдо шуд, ки ҷанбаи динӣ доштанд. Таъсири дин ба сиёсат пурзӯр гашт. Мутаассифона, ин таъсир ба баҳри таъмини якпорчагии Тоҷикистон, рушду равнақи он ва беҳбудии ҳаёти халқ равона шуда буд, балки баръакс, ба тафриқа ва ҷудоиандозӣ, ба тундгароию экстремизм, терроризм, кӯшишҳои зӯран ғасб намудани ҳокимият ва дигар зуҳуроти номатлуб равона шуда буд.

Барои ба ҳадафҳои сиёсӣ расидан аксаран созмонҳои экстремистӣ ба эътиқоди динии мардум таъсир расонида, онҳоро бовар кунониданӣ мешаванд, ки сиёсати давлатдорӣ бар зидди ақидаҳои динии онҳост. Маҳз бо ин роҳу воситаҳо онҳо меҳоҳанд дини мубини Исломро барои ба ҳадафҳои нопоки худ ноил шудан истифода баранд.

Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ҳастаиро ба миён овардааст.

# Аъмоли ношоистаро пешгирӣ мебояд

Терроризм ва ифротгароӣ яке аз зуҳуроти номатлуби ҷомеа ба шумор меравад, зеро он боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш - таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ, расонидани зарари ҷисмонӣ, бенизомӣ, барангехтани низои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ байни мардум мебошад.

Ифротгароӣ дар кадом шакл набошад, онро мо қабул надорем, чунки он ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро поймол мекунад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ифротгароӣ асосҳои маънавии ҷомеаро вайрон намуда, ба амнияти минтақа, тамоми ҷаҳон, аз ҷумла, ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам таҳдид мекунад. Ба муқобили ифротгароӣ бояд ҳама мубориза баранд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм мебошад, ки доимо мавриди баррасии аҳли ҷомеаи кишвар мебошад. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хатареро ки ба сулҳи тоҷикон таҳдид мекунад, возеҳ дар Паёми худ ироа карданд: «Мо даҳшати ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузаштаро, ки душманони миллати тоҷик ба сари мо таҳмил карда буданд, ҳаргиз фаромӯш намекунем ва ба итминон изҳор медорем, ки мардуми мо дигар ба доми душманону бадхоҳони миллат, ки то ҳанӯз аз ҳадафҳои ғаразноки худ даст накашидаанд, гирифтор намешаванд».

Ба муқобили терроризм ва экстремизм мо аз ватандӯстӣ дида, ҳеҷ қувваи дигари таъсирбахшро намедонем. Вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ, ҳамчунин, воридшавии мафкураи бегона ба зеҳни ҷомеа, мо бояд ба таблиғи масъалаҳои худшиносиву худогоҳӣ, ҳифзи арзишҳои миллии таърихиву фарҳангӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии демокративу дунявӣ, пойдории ваҳдат ва суботи ҷомеа таваҷҷуҳи бештар дошта бошем. Зеро пеши эҳсосоти бегонапарастиву даҳшатафканиро маҳз чунин ҳамкории аҳли сиёсат, илм ва санъат метавонанд гиранд.

Дар акси ҳол, надонистани сарнавишти таърихии миллати худ, фориғболию беҳабарӣ ва носипосӣ нисбат ба мероси маънавӣ- фарҳангии он шахсро бо инкори ҳақиқат водошта, ба бегонапарастию кадр накардани қимати дастовардҳои истиқлолияти миллӣ оварда мерасонад.

Ба қадри неъмате чун истиқлолияту давлатдории миллӣ расидан, арзишҳои муқаддастарини давлату давлатдориро дарк намудан ва ҳифз намудани онҳо ин ҳам қарз, ҳам масъулият ва шарафу номуси ватандорӣ, ифтихор аз давлату миллати хеш ва талошу заҳмати ҳар фарди бедордили ҷомеа баҳри худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги волои миллӣ мебошад

.

*Ш. ЗОКИРОВА,*
*Ш. НЕГМАТОВА,*
*устодони ДДҲБСТ*

*Зиндагӣ монанди кӯҳ аст; ба душвор фаро меравиву осон фуруд меоӣ.*
*Владимир Маяковский*

«Омӯзгор» № 52, 29 декабри соли 2022

ТАШАББУСҲОИ ҶАҲОНӢ

# Захираҳои бузурги об

***Ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо кишвари маҳбубамон давра ба давра ободу зебо ва пешрав мешавад, балки обрӯю эътибори он дар арсаи ҷаҳон низ пайваста боло меравад.***

Ташаббусҳои Сарвари ҷумҳурии мо дар сатҳи байналмилалӣ таваҷҷуҳи ҳамагонро ҷалб намуданд ва ҳиссаи бузурге гардиданд дар самти таъмини фардои ободу осоиштаи сайёра. Дар дарозои танҳо ду даҳсолаи охир бо ибтикор ва ташаббусҳои Пешвои тоҷикон аз ҷониби намояндагони ҷомеаи ҷаҳонӣ чунин тадбирҳо пазируфта шуданд: Соли байналмилалии оби тоза (2003), Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» (2005-2015), Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018-2028) ва ниҳоят, Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо (2025). Вобаста ба ҳамаи ин тадбирҳо, ки аз ҷониби Сарвари кишвари мо пешниҳод шуданд, қатъномаҳои Созмони Милали Муттаҳид ба тасвиб расиданд, яъне ин ҳама тадбирҳо расмияти ҷаҳонӣ пайдо намуданд. Ба ифтихори мо, тоҷикон, имрӯз обрӯю эътибори Пешвои миллатамон дар арсаи ҷаҳон хеле афзудааст ва оламиён Сарвари кишвари моро чун сиёсатмадори хирадманду дурандеш ва башарпарвар шинохтаву эътироф кардаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масоили марбут ба об диққати махсус зоҳир мекунанд. Воқеан ҳам, об манбаи ҳаёт, асоси зиндагии сурурбахш аст. Сатҳи зиндагии аҳли сайёра аз бисёр ҷиҳат ба об алоқамандӣ дорад. Имрӯз мардуми қисми зиёди кишварҳои олам аз норасоии оби тоза азият мекашанд ва ин масъала пайваста пургиреҳтар мешавад. Пешвои миллати мо ин мушкилии глобалиро хуб дарк мекунанд ва ҷидду ҷаҳд бар он доранд, ки об дар миқёси ҷаҳон оқилонаву дурандешона истифода шавад, ҳамагон бо ин сафобахши зиндагӣ таъмин бошанд. Маълум, ки об манбаъҳои гуногун дорад ва яке аз манбаъҳои асосиву пурбаракати он пиряхҳо мебошанд. Ба ибораи дигар, пиряхҳо захираи боэътимод ва мукаммали оби тозаву нӯшиданианд. Сол то сол бештар гармшавии иқлим, болоравии ҳарорати ҳаво ва олудагардии фазо бо моддаҳои зиёновар боиси обшавии босуръат ва коҳишёбии пиряхҳо мегардад. Пайомади нохушоянди ин ҳодиса ҳоло дар аксар манотиқи сайёра ва дар Тоҷикистон низ ба мушоҳида гирифта шудааст. Чунончи, мувофиқи маълумоти кормандони муассаҳои дахлдор, дар давоми ним асри охир масоҳати қисмате аз пиряхҳои Тоҷикистон ба таври чашмрас коҳиш ёфта, ин ҳолат тадриҷан суръат меафзояд. Маълум аст, ки дар Осиёи Миёна масоҳати умумии пиряхҳо наздик ба бист ҳазор километри мураббаъро ташкил медиҳад. Беш аз шаст дарсади пиряхҳо дар ин минтақаи бузург дар ҳудуди Тоҷикистон ҷойгиранд. Барои мисол, муайян шуда, ки ҳар сол калонтарин пиряхи Тоҷикистон – Федченко то 10-15 метр масофа кӯтоҳ мекунад, ки ин вазъи ташвишовар аст. Дар асоси ин ҳама рухдодҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба СММ пешниҳод карданд, ки соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон гардад ва Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо муқаррар карда шавад. Ин ташаббуси навбатии Сарвари кишвари мо аз ҷониби СММ пазируфта шуд, ки ин беҳтарин паём ба халқи тоҷик ва умуман, ҷаҳониён буд дар фарҷоми соли 2022. Рухдоди мазкур эътибору нуфузи кишвари моро дар паҳнои ҷаҳон боз ҳам афзун кард ва бори дигар собит сохт, ки Тоҷикистон бо роҳбарии Пешвои худ дар баробари манфиатҳои ҷумҳурӣ, инчунин, ба манфиату шукуфоии кишварҳои дигар арҷгузор аст.

***Муниса ҶУМЪАЕВА,***
***омӯзгори мактаби №173-и ноҳияи Рӯдакӣ***

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид таклиф барои эълон намуданди "Даҳсолаи байналмилалии об баҳри рушди устувор барои солҳои 2018-2028"-ро пешниҳод намуд, ки ин яке аз иқдомҳои наҷиб ва дурандешонаи Сарвари давлати тоҷикон ба ҳисоб рафта, ба истифодаи сарфакоронаи об, таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшиданӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ равона гардидааст.**

# Ҳифзи пиряхҳо ҳифзи ҳаёт аст

Ҳамзамон, 3 марти соли 2021 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим, ки дар сиғаи видеоконференсия баргузор гардид, иштирок ва оид ба масъалаҳои об ва иқлим суханронӣ намуданд. Чорабинӣ таҳти раёсати Дабири кулли Созмони байналмилалии обуҳавошиносӣ Петери Таалас сурат гирифта, дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Маҷористон Янош Адер, Раиси СММ-Об, Президенти Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ (IFAD) Гилберт Ҳунгбо, сарони ҳукуматҳои як қатор кишварҳо, инчунин, коршиносони байналмилалӣ иштирок карданд. Президенти мамлакат сабаби асосии тағйирёбии иқлимро дар обшавии босуръати пиряхҳо дар натиҷаи гармшавии глобалӣ маънидод карданд.

Дар ҳақиқат, проблемаи мазкур аз муҳимтарин ва масъалаи ҳаёту мамоти инсон дар рӯи замин буда, тамоми давлатҳои ҷаҳон бояд, ки дар фикри бартарафсозии он бо роҳи пешгирӣ аз обшавии пиряхҳо яке аз омилҳои асосии ҳастӣ дар сайёра бошанд. Дар чорабинии мазкур бо ҷиддияти том аз босуръат об шудани ях дар Арктика, Антарктида ва Гренландия ишора гардид.

Мутаассифона, гармшавии иқлим дар хусуси пиряхҳои Тоҷикистон, аз ҷумла, пиряхи Федченко бо дарозии 75 километр дар ВМКБ низ бетаъсир намондааст. Дар тӯли 70 - 80 соли охир пиряхи номбурда зиёда аз як километр ақиб рафта, майдони он то 44 километри мураббаъ кам шудааст. Зиёда аз ин, ҳаҷми он 15 километри мукааб ихтисор гардида, суръати миёнаи ақибравии нӯги (забони) пирях дар як сол 16 метрро ташкил медиҳад.



Дар суханронӣ таъкид гардид, ки тамоюли мазкур метавонад оқибатҳои фоҷеабор дошта бошад. Обшавии пиряхҳо аз як тараф, боиси эҷоди мушкил мавриди кам шудани захираҳои обӣ гардида, аз тарафи дигар, боиси обхезию сел барин офатҳои табиигардида, метавонанд ва ба ҷони ҳазорон – ҳазор одам таҳдид менамояд.

Дар ин робита, Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карданд, ки соли 2025-ум Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон гардида, санаи Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо муайян карда шавад. Пешниҳоди дигари ҷониби Тоҷикистон таъсис додани Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо мебошад, ки мақсад аз ин ҳама тадбирҳо пешгирии саривақтӣ аз обшавии пиряхҳо дар ҷаҳон маҳсуб меёбад.

Ба хотири беҳбуд бахшидан ба вазъияти баамаломада зарур аст, ки инсоният истифодаи обро дар мавридҳои алоҳидаю дуюму сеюмдараҷа коҳиш дода, ивазкунандаи онро кашф намояд. Бобати кишту кор ҳам лозим меояд, ки аз роҳу воситаҳои самараноку камхарҷ, мисли обёрии қатравӣ истифода карда шавад.

***Фирӯза РАҲИМОВА,***
***омӯзгори МТМУ №49-и шаҳри Ваҳдат***

ДАРС

# Таърих гувоҳ аст

Асари бунёдии илмию оммавии муаррихи барҷаста, аллома Бобоҷон Ғафуров – «Тоҷикон», ки бо дастури Президенти кишвар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чоп ва ройгон дастраси ҳар як хонадони тоҷик гардидааст, дар тарбияи худшиносии насли наврас нақши барҷаста дорад. «Тоҷикон» аз 6 фасл ва бобҳои алоҳида иборат ёфта, мавзуъҳои китоб вобаста ба марҳилаҳои таърихӣ дар машғулиятҳо аз фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар синфҳои 5-11 истифода бурда мешавад. Аз ҷумла, дар синфи 5 маводи боби якуми фасли «Сохти ҷамоати ибтидоӣ ва заволи он дар сарзамини Осиёи Миёна», аз қабили «Палеолит. Сохти пешазқабилавӣ. Пайдоиши ҷамоати қабилавӣ», «Мезолит ва Неолит», «Асри биринҷӣ», «Таркиби нажодии аҳолии Осиёи Миёна дар аҳди биринҷӣ. Масъалаи ориёӣ» ҳамчун сарчашмаи иловагӣ хидмат хоҳад кард. Фасли дуюми китоб – «Аҷдоди тоҷикон дар давраи тараққиёти муносибатҳои ғуломдори»-ро, ки ба вуҷуд омадани давлати Ҳахоманишиҳо, футуҳоти Куруши 11 дар Осиёи Миёна, Куруш ва Томирис, шикасти қушӯни Ҳахоманишӣ, шӯриши зидди Ҳахоманишиҳо дар аҳди Дорои 1 ва амсоли инҳоро таҳлил ва баррасӣ менамояд, дар дарсҳои таърихи синфи 6 истифода метавон кард. Мавзуъҳои минбаъдаи китоб, аз ҷумла, «Қувват гирифтани ашрофи феодалии маҳаллӣ», «Тоҳириён», «Саффориён», «Таъсиси давлати Сомониён», «Сохти давлатӣ ва ташкили дастгоҳи идораи он»,




«Низоъҳои байнихудии феодалӣ ва суст шудани давлати Сомониён», «Истилои Қарахониён» ва ғайраро фаро гирифтааст, дар синфи 7 метавон корбурд намуд. Академик Бобоҷон Ғафуров ҳанӯз дар солҳое, ки идеологияи қавии Шуравӣ ҳукмронӣ мекард, дар хусуси аввалин давлатдории тоҷикон дар асри X, яъне Сомониён ва асосгузори он Исмоили Сомонӣ бо далелҳои муътамад собит карда буд, ки:

«Исмоили Сомонӣ аз муборизаи оммаи халқ барои истиқлолият истифода бурда, нахустин бор пас аз истилои араб сарзамини дар натиҷаи задухӯрдҳои дохилӣ парешонгардидаро ба ҳам муттаҳид намуд ва давлати бузурги мустақиле ба вуҷуд овард. Вай дар баробари барҳам додани ҳукумати Саффориён ҳокимияти худро на танҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон мустаҳкам кард, балки ба як қатор вилоятҳои Шарқӣ ва шимолии Эрон соҳиб гардида,истиқлолияти ҳақиқии давлати ташкилкардаи худро нисбат ба хилофати Араб таъмин намуд». Маълум аст, ки олимону муҳаққиқон дар корҳои пажуҳиши худ, хусусан, таълифи китобҳои дарсӣ ба шоҳасари «Тоҷикон» хеле зиёд рӯ овардa, факту далел ва марҳалаҳои таърихии рушду таҳаввул ёфтани давлатдории тоҷиконро, ки дар китоби аллома Б.Ғафуров қотеъона исботи илмӣ ёфтаанд, дар меҳвар қарор додаанд. Ҳамин гуна дар китобҳои дарсии «Таърихи халқи тоҷик» (с. 5-11) низ истинод ба матолиби «Тоҷикон» ва рухдоҳои таърихию сиёсӣ, ки марбути тоҷикону давлатдориямон маҳсуб меёбад, зиёд ба мушоҳида мерасад.

***Фатҳулло САЙФОВ,***
***омӯзгор***

**Соли равон 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда ба истифода дода шуд.**

БА ИФТИХОРИ 100 - СОЛАГИИ УСТОДИ ШОДРАВОН ХУДОЙДОД ҲУСЕЙНОВ

# Забоншиноси дақиқбаён

*Моҳи августи соли 1965 дар имтиҳоноти дохилшавии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (собиқ Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин) иштирок доштам. Дар варақаи имтиҳони шифоҳӣ аз фанни забон ва адабиёти тоҷик се савол қайд шуда буд:*

1. Шогирдони Ҳофиз дар ҳаққи устод
2. Ғоя ва образҳои асосии достони "Ҳасани аробакаш" –и Мирзо Турсунзода
3. Ҷумлаи зеринро таҳлили морфологӣ намоед.

Навбатам фаро расиду рӯ ба руйи ду устоди бароям ношинос нишаста, ба саволҳо ҷавоб медодам.

Саволи якум (аз адабиёт) бароям нофаҳмо буд, барои он ки дар китоби дарсӣ ба ҳамин мазмун мавзуи ҷудокардашуда набуд. Лекин ба ин нигоҳ накарда, дар бораи Ҳофиз, мавзуъҳои асосии ғазалиёти Ҳофиз ҳар чизе, ки хонда будам ва медонистам, нақл кардам ва вобаста ба ҳар як мавзуъ ғазале аз ёд гуфтам. Ба саволи дуюм ҳам пурра ҷавоб додам. Мазмуни достони "Ҳасани аробакаш" – ро пурра нақл карда, қаҳрамонҳои асосии достонро номбар кардам. Яке аз устодон бештар савол медод ва дигаре баъд аз шунидани ҷавобҳои ман ба қироати ғазалҳо «Офарин!» мегуфт. Вақте ки ба саволи сеюм, таҳлили морфологии ҷумла ҷавоби пурра додам, устоди офарингӯ бо нигоҳи гарм ба ман нигариста, пас ба устоди дар паҳлуяшон будагӣ, ки ба ман аз адабиёт саволҳои бисёр дода буд, нигоҳ карда гуфт:

-Ман бори аввал аз довталаб ин хел таҳлили дурусту пурраи ҷумларо мешунавам. Баъдан боз ба ман нигариста, хоҳиш карданд, ки ҳамин ҷумларо таҳлили синтаксисӣ намоям. Баъд аз шунидани таҳлили синтаксисии ман боз хушҳолтару меҳрубонтар гардида гуфтанд: Эй қанда занед, офарин! Баҳоятон аъло!

Баъд аз имтиҳон фаҳмидам, ки устоди офарингӯю чеҳраафрӯз Худойдод Ҳусейнов будаанд.

Устод Худойдод Ҳусейнов зодаи ноҳияи Конибодом, хатмкардаи Донишкадаи педагогии шаҳри Ленинобод (ҳоло ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров) баъд аз хатми донишкада соли 1953 ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти тоҷик ва мудири қисми таълимии мактабҳои таҳсилоти миёнаи ноҳияи Конибодом бо номи неку обрую эътибори баланд фаъолият намуданд, ки то имрӯз шогирдонашон дарсҳои пурмухтавои устодро аз хотир набаровардаанд.

Устоди борикбину нозукфаҳм дар ҷараёни фаъолияти таълимиашон ба баъзе масъалаҳои камомӯхташудаи забон аҳамияти ҷиддӣ дода, ба навиштани мақолаҳои илмӣ майлу рағбат пайдо мекунанд ва ҳамин завқи баланди эҷодӣ устодро соли 1953 ба ҳайси аспиранти Институти забон ва адабиёти АИ ҶТ ба шаҳри Душанбе меорад. Пас аз хатми аспирантура, аз соли 1956 то соли 1964 дар вазифаи ходими илмии Институти забон ва адабиёти АИ ҶТ фаъолияти пурсамар доштанд. Дар ин муддат устод Х. Ҳусейнов дар мавзуи "Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик" рисолаи номзадиашонро бомуваффақият ҳимоя намуданд. Дар ҳамин солҳо фаъолияташон дар муассисаи мазкур ба омӯзишу тадқиқи яке аз масъалаҳои бахсноки забоншиносии тоҷикзарф ҳамчун ҳиссаи нутқ машғул гардида, натиҷаҳои бадастовардаашонро ҳамчун асари илмӣ бо унвони "Зарф дар забони тоҷикӣ" соли 1954 манзури омӯзгорону олимони соҳаи забоншиносӣ намуданд. Баъдан аз соли 1964 то соли 1982 (то охири умрашон) ба ҳайси дотсенти кафедраи забони тоҷикии УДТ ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) фаъолияти таълимию илмӣ ва тарбиявию маъмуриро анҷом доданд. Аз соли 1969 то соли 1982 ҳамчун ҷонишини декан оид ба шуъбаи шабонаи факултети филологияи тоҷик фаъолият намуда, дар пешбурди фаъолияти таълимии шуъба саҳми назаррас гузоштанд. Устод аз қисмати сарфу наҳви забони тоҷикӣ дарс мегуфтанд.

Устод Х.Ҳусейнов олими дақиқгӯю фасеҳбаён, навҷӯю навгӯ буданд. Асару мақолаҳои илмии бунёдии устод равшангари масъалаҳои торику аз назари муҳаққиқон дурмондаи илми забоншиносии тоҷик ба шумор меравад. Аз ҷумла, асари илмӣ – тадқиқотии бунёдии устод "Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик" ба ин далел шуда метавонад. Дар асари илмии устод Худойдод Ҳусейнов "Забон ва услуби "Одина" – и устод Айнӣ" ҷилои ҳусни забони устод Айнӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Забоншиноси услубшинос ва сарфу наҳвшинос Х. Ҳусейнов хусусиятҳои муҳиму ҷолиби морфологӣ ва синтаксисии повестро низ ошкор намуда, дар охир ба чунин хулоса меояд: "Ҳамин тавр, забону услуби повестро ҳамчун сарчашмаи воситаҳои асосии инкишофёбии забони адабии ҳозираи тоҷик ҳисоб кардан мумкин аст, чунки устод Айнӣ бо забони ин асар худ воситаҳои аввалини забону услуби ҳозираи моро намоиш медиҳад ва барои умумият пайдо кардани он воситаҳо роҳ мекушояд. Забони повест аз материалҳои бойи забони миллии тоҷик гирифта шуда, дар арсаи васеи умумихалқӣ обутоб ёфтааст ва аҳамияти таърихии он ҳам дар ҳамин буда, вай дар бобати инкишоф ва такмил ёфтани забони адабии ҳозираамон роли бағоят муҳим бозидааст".

Асари дигари макбули ҳамагони устод "Пунктуатсияи забони адабии ҳозираи тоҷик" мебошад, ки он то имрӯз китоби рӯйимизии олимон, омӯзгорон, донишҷӯён ва аҳли фарҳанг буда, ҳамчун дастури таълимӣ – илмӣ мақоми шоиста дорад.

Асари "Луғати терминҳои забоншиносӣ"-и мавсуф (с.1983) бо ҳамқаламии устоди шодравон Кимиё Шукурова низ дар роҳи таҳқиқи соҳаҳои гуногуни забоншиносӣ ҳамчун дастур ва раҳнамои боэътимоде то имрӯз хизмат карда истодааст.



Устод ошиқи табиати зебоманзари кишвар, ватани азизамон низ буданд. Ҳамин маҳбубияти беандозаи нисбат ба мавҷудоти табиат ва истеъдоди нazarрабои адибию нависандагӣ он касро водор намуд, ки маҷмуи ҳикояҳои воқеиро таҳти унвони "Уқоби одамгир" (Душанбе: Ирфон, 1974) ва "Ҳикоёти Вахш"(Душанбе, 1981) ба табъ расонанд.

Маҷмуи асару мақолаҳои илмӣ, илмӣ – методӣ, илмӣ – оммавӣ ва адабии устод Х. Ҳусейнов бештар аз 200 номгӯйӣ буда, то имрӯз мавриди истифода қарор доранд ва қимати худро гум накардаанд.

**_Солеҳҷон СОБИРҶОНОВ,_**
**_номзади илмҳои филология, дотсент, ходими калони илмии Институти забон ва адабиёти АМИТ_**

ФАЪОЛИЯТ

# Пуркору заҳматпеша

Аҳмадҷон зинаи ибтидоии таҳсилро дар деҳа анҷом дода, сипас, соли 1953 мактаби ҳафтсолаи деҳаи Яккабоғро хатм намуда, худи ҳамон сол ба омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Истаравшан ҳуҷҷат супорид.

Он ҳангом дар мактабҳои кишвар норасоии омӯзгорони соҳибтаҷриба амиқ эҳсос мегардид. Ва бесабаб нест, ки Аҳмадҷон ин даргоҳи муътабарро ба итмом расонида, бо роҳхати Вазорати маориф ба ҳайси омӯзгор ба ноҳияи Ҳисор ба кор омад. Дар вазифаҳои омӯзгор, мудири мактаб, мушовири ғайриштатии шуъбаи маорифи халқ заҳмат кашид.

Ӯ дар ин гӯшаи дурдаст аз зодгоҳ натанҳо омӯзгорӣ мекард, ҳамчунин, бо эътиқоди қавӣ ва боварии комил оид ба сохтмон ва бунёди мактабҳои нав талош меварзид. Маҳз бо ташаббус ва иқдомҳои неки Аҳмадҷон Яъқубов он солҳо дар деҳаҳои Алмосӣ ва Бобосурхони ноҳияи Ҳисор бинои мактабҳои нав сохта, ба истифода дода шуданд. Ӯ аз зумраи устодоне буд, ки дар байни омӯзгорон таълиму тарбияи фарзандонро бо роҳу усулҳои фаъоли таълим ба роҳ монда, дар як муддати кӯтоҳ соҳиби обрӯю эътибор гардид.

Соли 1965 Аҳмадҷон ба зодгоҳаш баргашта, ба сифати омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби миёнаи №40-и деҳаи Пошкенти шаҳри Истаравшан кор карда, солҳои тӯлонӣ, ҳамчунин, дар вазифаҳои мушовири ғайриштатии кабинети методии шуъбаи маорифи шаҳр, ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявии мактаби зикргардида фаъолият намуд. Соли 1969 факултаи таърихи Донишкадаи омӯзгории ба номи Т.Г.Шевченкои (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ)-ро бо баҳоҳои хубу аъло хатм намуд.

Соли 1971 роҳбарияти кумитаи ҳизбии шаҳр ва шуъбаи маориф таклифу дархостҳои мардуми маҳалро ба инобат гирифта, ӯро ба вазифаи сардори мактаби миёнаи №40 дар деҳаи Пошкент таъйин намуданд. Дар ин вазифа Аҳмадҷон Яъқубов бештар аз 26 сол фаъолият карда тавонист, ки мактабро ба яке аз муассисаҳои таҷрибаи пешқадами педагогии шаҳру вилоят табдил диҳад. Соли 1992 муассиса дар озмуни вилоятии "Мактаби сол" мақоми аввалро соҳиб гардид.

Соли 1997 Аҳмадҷон Яъқубов ба вазифаи сардори дафтари дастурдиҳии раёсати маорифи шаҳри Истаравшан таъйин гардид. Дар ин вазифа ҳам бо саъю кӯшиши ӯ фаъолияти иттиҳодияҳои методии фанҳои таълимӣ дар мактабҳои шаҳру деҳоти Истаравшан рӯй ба беҳбудӣ оварди. Дар ҷамоатҳои деҳот мактабҳои



минтақавии методӣ, дар шаҳр бошад, мактабҳои такягоҳии дастурдиҳӣ ташкил ёфта, бо ҳамин тадбир сифати таълиму тарбия боло рафт. Ҳамчунин, коргузорӣ ва ташкили корҳои методии шуъбаи маорифи шаҳри Истаравшан дар байни иттиҳодияҳои методии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд намунавӣ ҳисоб мешуд ва ин таҷрибаи пешқадамро дар микёси вилоят меомӯхтанд.

Агарчанде ба нафақа баромада бошад ҳам, устод то соли 2021 дар гимназияи №1 кор карда, бахри баланд бардоштани сифати таълиму тарбия саҳми бориз гузошт. Боиси қаноатмандист, ки устод муаллифи якчанд китоби таълимию методӣ буда, имрӯз ҳамкасбон аз онҳо васеъ истифода мебаранд.

**_Захриддин РУСТАМОВ,_**
**_рӯзноманигор_**

АҶИБ АСТ!

# Аз ҳаёти бузургони олам

Бханвариал Қумавати 36 – солаи ҳинду дар рӯйи донаи биринҷ матнеро сабт кардааст, ки 1250 ҳарфи лотинӣ ё 245 аломати хати ҳиндӣ дошт.

***

Эйнштейн бо оилааш хушбахтона зиндагӣ карда, корҳои зиёди илмиеро анҷом дод. Вақте ба ӯ мукофоти Нобелӣ доданд, маблағи ҷоизаро тин ба тин ба занаш супурда гуфт: «Ин маблағ барои тамоми зиндагии шумо кофист. Ман рафтам».

***

Дар ибтидои асри XX Муллосаиди Балҷувонӣ байни мардум ҳамчун устои сангтарош, табиби худомӯз, дорандаи китобхонаи шахсӣ маъруфу машҳур буд. Ин олими хирадманд пас аз хатми мадрасаи Бухоро ба зодгоҳаш – Балҷувон бо осори ниёгон баргашт ва баъд теъдоди китобхояшро ба 1000 ҷилд расонд.

**_Таҳияи Ҳотами ҲОМИД, «Омӯзгор»_**

ШОДБОШӢ



**Устоди азизу арҷманд**
**Холбӣ Тошева!**

Фархундазодрӯзатон муборак бод! Ба Шумо, ки солҳо боз ба таълиму тарбияи насли наврас машғулед ва ба комёбиҳои шоиста ноил гардидаед, сиҳатмандии бардавом, суруру нишоти ҳамешагӣ ва муваффақиятҳои навин таманно дорем.

Шумо инсони нaҷиб ва омӯзгори ғамхору соҳибхиради ва мо аз Шумо ифтихормандем.

Бо ихлосу эҳтиром: ***гурӯҳи дӯстон ва шогирдонатон***

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи А №290373 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1988 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №77-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Носырова Сафармо Маджитовна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А - №091126, ки онро соли 1988 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №75-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Холматова Нодира Назировна додааст, эътибор надорад.

**Соли 2023 дар Душанбе 4 корхонаи истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо ба истифода дода мешавад.**

*Тарс сарчашмаи асосии бадандешӣ ва сангдилист.*

*Бертран Рассел*

«Омӯзгор» № 52, 29 декабри соли 2022

ҲИКОЯ

# Шикори харгӯш

***Ӯро ном Сайёд буд ва мардум аз мувофиқати ному амалаш дар ҳайрат буданд, зеро ӯ, воқеан ҳам, шуғли сайёдӣ дошт, аксаран камон дар китф дар кӯҳу пуштаҳо роҳ мепаймуд. Сайёди мумтозе буд Сайёд. Мегуфтанд, ки ӯ аз шикор ҳеч гоҳ нокому дасти холӣ барнагаштааст.***

Сайёд аксаран субҳи барвақт бо шикор рафта, шомгоҳон ба деҳа бармегашт. Камон дар китф, кӯлворе дар пушт дошт. Гоҳе шояд дар кӯлвораш чой намемонд ё ба аломати тафохур буд, ки сайдашро (ғолибан чанд кабк ё харгӯше) дар миёнаш ҳамоил карда, аз кӯчаи деҳа мегузашт. Дар ин ҳолат ҳама ба ӯ бо ҳавас менигаристанд, бахусус, мо - бачаҳои наврас.

Барои ман бештар харгӯши сайдкардаи Сайёд, ки аз ду пои қафояш дар миёни ӯ ҳамоил буду ҳангоми бовиқор роҳ рафтанаш алвонҷ меҳӯрд, басо писанд ва гузашта аз ин, ҳавасангез буд. Дар дилам хоҳиши кӯдаконае пайдо шуда буд, ки боре чунин сайд дар миён овезон аз кӯчаи деҳа гузарам ва ҳама ба ман бо ҳавас бингаранд. Ин хоҳиш, балки ҳавас тадриҷан дар ман неру мегирифт, беқарорам мекард.

Боре омӯзгори адабиётамон ба мо супориш дод, ки дар мавзуи «Орзуи ман» иншои озод нависем. Мӯҳтавои иншои ман ин гуна буд: «Орзу дорам, ки сайёди моҳире шавам, то сайдҳои худро ба миён баста аз кӯҳсор ба деҳа баргардам ва аҳли деҳа ба ман қоил шаванд, бо ҳавас нигаранд».

Омӯзгорамон дар қатори чанд нафар иншои маро ҳам таъриф кард, вале лабонаш пуртабассум буданд. Пасонтар маълумам гашт, ки ӯ аз мазмуни иншои озоди ман падарамро низ огоҳ карда будааст, намедонам ба чӣ хотир.

Падари ман дар деҳа масъули бахши заминдорист. Ҳама эҳтиромаш мекунанд ва суханашро арҷ мегузоранд. Ман мефахрам аз падарам ва аз он ҳам қаноатмандам, ки аксар хоҳиши дили маро иҷро мекунад. Пайваста таъкидам менамояд:

- Писарам, ман ҳама хоҳиши туро, то имкон дорам, иҷро мекунам, ту танҳо нағз хон, боодоб бош…

Рӯзе Сайёд маро дар назди мактаб боздошта гуфт:

- Додарам Шамшод, омода бош, рӯзи якшанбе бо ман ба сайди харгӯш меравӣ. Ба орзуи деринаат хоҳӣ расид.

Ман дар ҳайрат мондам аз ин «илтифоти» Сайёд.

Субҳи барвақти рӯзи якшанбе, даме ки аҳли деҳа ҳанӯз дар хоб буданду ягон-ягон фарёди хурӯсон ва садои ак-аки сагон ба гӯш мерасид, ману Сайёд озими кӯҳсор шудем.

Пас аз чанд муддат хомӯш роҳ рафтанамон Сайёд, гӯё аз ҳайрати ман огаҳӣ дошта бошад, сухан оғоз кард:

- Падарат одами хуб. Ба ҳама дасти мадад дароз мекунад. Ҳафтаи гузашта ба ман ҳам қитъае замин ҷудо кард, то боғе бунёд кунам. Гуфтам, ки ба ивази ин некиятон чӣ кор кунам, гуфт, ки ҳеҷ чиз лозим нест, ман вазифаамро иҷро кардам. Чун бо исрор хоҳиш кардам, ки барояш ягон коре бикунам, гуфт, ки хуб, як хидмати «зӯр» ҳаст. Писарам Шамшодро медонӣ, бачаи бад не, вале ба назарам, андаке булҳавас менамояд. Ин хоси айёми наврасист. Хулоса, писари ман орзу доштааст, ки ба сайди харгӯш раваду хумори дил шиканад. Ҳоло барои ӯ камону шикор хеле барвақт, лекин бигзор бо ту ҳамроҳ як кӯҳу пуштаро тамошо кунаду хумори дил шиканад.

Ман акнун фаҳмидам, ки чаро Сайёд маро бо худ ба шикори харгӯш ҳамроҳ гирифтааст. Дар дил ба падарам арзи сипос кардам.

Сайёд пас аз чанде хомӯш қадам задан боз овоз баровард:

- Шикор хушёрию зиракӣ ва эҳтиёткориро мехоҳад, ба вижа, шикори харгӯш. Ин ҳайвон хеле чолоку доност. Бештар дар арчазорон, дар буттазору марғзор мегардад. Ногаҳон аз пеши кас пайдо мешаваду ончунон башаст медаваду меҷаҳад, ки дар ҳайрат мемонӣ. Одатан ба боло ё ба бар мегурезад. То маҷбур нашавад, ба поён намегурезад, чунки пойҳои пешаш кӯтоҳанду қафояш дароз.

Мо чанд пастию баландиро гузашта, ниҳоят, ба мавзеи назаррабое, ки ягон-ягон дарахтони сарсабз (бештар арча) дошт, расидем. Сайёд аз ман хоҳиш кард, ки даҳ-понздаҳ қадам дуртар аз ӯ, оҳиста-оҳиста ва дар мутобиқат бо роҳгардии ӯ ҳаракат намоям. Ба ин тариқ, мо дар ин мавзеъ қариб як соат гаштугузор кардем.

-Шамшод, ист! - ногаҳон



нидо дардод Сайёд.

Ман мувофиқи дастури пешакии Сайёд зуд худро паси буттае гирифта, сари по нишастам. Идомаи ҳодиса пеши назарам чун дар саҳнаи кино мегузашт. Тақрибан 15-20 қадам дуртар аз Сайёд харгӯше аз паси кундаи дарахте ҷаҳида, боло гурехт. Ва яке бозистода ба қафо нигарист. Дар ҳамин лаҳза садои камони Сайёд долу дарахтонро ба ларза оварда ва харгӯш як аз ҷо часту дароз афтод. Ман бо камоли хурсандӣ дарзамон назди харгӯши тирхӯрда давидам. Сайёд маънидорона ба ман нигаристу (дидӣ, маҳорати акоятро!) харгӯшро сар бурид. Онро ба кӯлвори хеш андохту «шикорро давом медиҳем» гуфт. Вале ман дигар ҳавсалаи шикор надоштам ва мехостам, ки худи ҳозир ба деҳа баргардаму аз ҳодисаи имрӯза бо ҳозору як обуранг ба рафиқон нақл кунам.

Ба лаби чашмае расидем. Чӣ мавзеи зебое, чӣ оби ширин ва чӣ фазои муаттаре! Дар оби чашма нон тар карда хӯрдем. Лаззати он нон ҳеҷ аз даҳонам намеравад. Сайёд ҳолдон будааст. Ба ман гуфт, ки мебинам, дигар майли шикору тамошо надорӣ. Майлаш, ягон соат ин ҷо дам гир, истироҳат кун. Ман, ҳо, ҳамон гарданаро чарх зада бармегардам. Ин қадар роҳ омада зуд баргаштан (бо як харгӯш) маънӣ надорад.

Сайёд пас аз як-яку ним соат баргашт. Ба кӯлвори пушташ тап-тап зада ханда ба лаб гуфт, ки «акнун харгӯш танҳо зиқ намешавад, ду кабки дигар дар паҳлӯи ӯст».

Мо роҳ сӯи деҳа пеш гирифтем. Ман шитобкорона қадам мезадам, дилам мехост бидаваму ҳар чӣ зудтар ба деҳа расам. Сайёд вазъи маро хуб мефаҳмид ва табассум бар лаб аз қафои ман мешитобид. Ба деҳа наздик омадем. Ман бозистода ба Сайёд рӯй овардам:

- Ако, харгӯш дар халта бӯй намегирад?

-Ман туро мефаҳмам, мефаҳмам, - гуфт дар ҷавобам ӯ ва харгӯшро аз кӯлвораш берун кашида ба ман дароз кард: - Ма, гир, дар миёнат овезон кун. Бигзор ҳама бинанд, ки ту чӣ қадар сайёди зӯрӣ.

Ман андаке шармида бошам ҳам, зуд харгӯшро гирифта дар миёнам овезон кардам. Акнун харгӯши гӯшдарози нармҷисм дар миёни ман ба ҳавои қадамгузориям алвонҷ меҳӯрд. Ман хушбахттарин шахси олам будам. Ин лаҳзаҳо бо ифтихор паҳлӯи Сайёд аз кӯчаи деҳа гузаштам. Ба назарам, ҳама ба ман бо ҳавас менигаристанд.

Сайёд гуфт, ки ман ин харгӯшро ба ту бахшидам, лекин пӯст кандани он кори ҳар кас не. Биё, якбора ба хонаатон меравему ман харгӯшро пӯст канда медиҳам. Сайёд рӯи ҳавлӣ харгӯшро аз ду пои қафояш дар шохи дарахте кашол карда, пӯст канд. Ман ба ӯ мадад мерасондам. Ин дам аз кӯҷае додарчаам Меҳрзод пайдо шуд ва дақиқае чанд ҳайратзада ба мо нигаристу яке басаст ба хонаҷаи назди дарвозаамон даромад. Хавотир шуда аз пасаш рафтам. Бинам, дар кунҷи хона худро дароз партофтаасту бо ду даст рӯяшро пӯшида фиқ-фиқ гиря дорад. Дилам тах кашид.

- Меҳрзодҷон, чӣ гап шуд, чаро мегирйӣ? - даст ба сари додаракам бурдам ман. Ӯ чанд лаҳзае дигар аз гиря бознаистод ва чун батакрор пурсиш аз сабаби гиряаш кардам, ниҳоят, сар бардошту сӯям бо қаҳр нигарист ва бо овози ларзони ҷонгудоз гуфт:

- Чаро харгӯшакро куштед?!

Нигоҳаш диламро шикофт, саршор аз таънаву маломат, таассуфу надомат буд ин нигоҳ. Ман то ин дам садои додарамро ин қадар пурҳасрату муассир нашунида будам.

Ҳастиямро обу арақ пахш кард. Дар як лаҳза аз он ҳама ифтихору фараҳмандиям осоре намонд. Баръакс, дар дил нисбат ба худу рафтори худ нафрату таассуф эҳсос намудам.

Зуд ба саҳни ҳавлӣ баромадам. Сайёд ҳамоно гирди ҷисми харгӯши ҷунбуҷӯл дошт. Бехудона фарёд задам:

- Акои Сайёд, зуд харгӯшатонро гиреду аз ин ҷо равед ва дигар, илтимос, харгӯшакеро озор надиҳед! Ман ҳам дигар ба сайди харгӯш намеравам!

Садои ман он қадар қатъиву корагар ва муассир буд, ки Сайёд ба ҷуз бо ҳайрат харгӯшро сари даст гирифта, аз ҳавлии мо берун шудан чорае надошт…

Ба назди додаракам баргаштам ва даст ба гарданаш ниҳодам: - Меҳрзод, ман дигар харгӯшакеро озор нахоҳам дод.

Ӯ сар бардошта ба ман дида дӯхт. Ин дафъа нигоҳаш нарму меҳрбор буд. Мо ҳамдигарро ба оғӯш кашидем.

***Абдурауф МУРОДӢ***

АНЪАНАҲОИ СОЛИНАВӢ

# Соли нав хушбахтӣ меорад

Анъанаи оро додани арча ба муносибати Соли нав таърихи дерина дорад. Муҳаққиқон ватани ин анъанаро Ҷумҳурии Олмон медонанд. Умуман, ин мамлакат ҳамчун ибтидои аксар анъанаҳои машҳуру маҳбул шинохта шудааст. Арча аз қадим байни бисёр мардуми ҷаҳон чун дарахти муқаддас эътироф гардидааст. Онро рамзи сарсабзии ҳамешагӣ, ҷовидонагӣ ва ҷавонии пойдор медонистанд ва ҳатто бовар доштанд, ки арча муҳити атроф ва хонадонро аз қувваҳои зишту ифротӣ ҳифз менамояд. Азбаски вуруди Соли нав, пеш аз ҳама, бо орзую таманнӣёт алоқаманд аст, ин хусусият бо пиндорҳо перомуни дарахти арча хеле мувофиқ омадааст. Асрҳо боз одамон дар Аврупо анъанаи ороиши арчаро ба истиқболи Соли нави мелодӣ пазируфтаанд.

Дар оғоз арча урён буд ва тадриҷан ба оростани он оғоз карданд, зеро зебоӣ ҳам аз таманнӣёти ҳамешагии



одамон аст. Вақте ки ороиши арча ҳукми анъанаро гирифт, он сол то сол такмил ёфт. Масалан, дар оғоз дарахти арчаи солинавиро бо меваю хӯришҳо, масалан, чормағз, себ, кулчақандҳо, тухм ва ғайра пардоз медоданд. Минбаъд бозичаҳо, ашёи ҷилодор, шилшилаҳо, шаклҳои гуногуни аз коғаз сохта, шохаи дарахтон ва ғайра дар арча мавҷеъ пайдо карданд. Мепиндоштанд, ки арча ҳар қадар бештар оро дода шавад, Соли нав ҳамон қадар зебову гуворою пуртантана хоҳад шуд.

Анъанаи арчагузорӣ дар Соли нав аз Аврупо ба Шарқ ҳам омад. Шарқиён ин анъанаро асосан аз ибтидои асри бистум ба ҷаҳони ҷашнвораҳои хеш ворид намуданд. Тоҷикон низ аз оғози нимаи дуюми асри гузашта ба таври фаъол арчаву ороиши онро рамзи Соли нави мелодӣ пазируфтанд. Ҳар сол дар марказҳои шаҳру ноҳияҳо ва дар хонаҳони зиёде арча оро дода мешавад. Тоҷикон ҳамасола Соли нави мелодиро бо орзуҳои нек ва шукӯҳу тантана истиқбол мегиранд.

Бовар ҳаст, ки имсол низ онро ҳамин тавр пешвоз мегирему соли 2023 ба мо хушбахтиҳо меорад.

***Ҳотами ҲОМИД, «Омӯзгор»***

Соли 2023 Нерӯгоҳи барқи обии «Себзор» бо тавоноии 11 МВт ба истифода дода мешавад.

ТАҚВИМ

# Солномаи фишурда

**Январ**

1 – Соли нав (дар Русия аз соли 1700 бо амри Пётри 1 таҷлил мешавад).
2 – Рӯзи ҷаҳонии сулҳ
4 – Рӯзи Нютон (зодрӯзи олими маъруф)
4 – Рӯзи ҷаҳонии алифбои Брайл
11 – Рӯзи байналмилалии «Ташаккур» (Раҳмат)
15 - Рӯзи байналмилалии динҳо
17 – Рӯзи ихтироъкорони наврас
22 - Рӯзи ҷаҳонии барф
24 - Рӯзи ҷаҳонии таҳсилот
29 - Рӯзи ҷаҳонии бидуни Интернет

**Феврал**

10 – Рӯзи поси хотири Пушкин
13 - Рӯзи ҷаҳонии радио
14 - Рӯзи ҷаҳонии ҳадяи китоб
21 - Рӯзи ҷаҳонии забони модарӣ

**Март**

3 - Рӯзи ҷаҳонии нависандагон
5 - Рӯзи ҷаҳонии телевизион ва радиои кӯдакон
8 – Рӯзи бонувон
20 - Рӯзи ҷаҳонии Хушбахтӣ
20 - Рӯзи Замин
21 - Ҷашни ҷаҳонии Наврӯз
21 - Рӯзи ҷаҳонии шеър
27 - Рӯзи ҷаҳонии театр

**Апрел**

1 - Рӯзи ханда
1 - Рӯзи ҷаҳонии парандагон
2 - Рӯзи ҷаҳонии китоби кӯдакон
7 - Рӯзи ҷаҳонии саломатӣ
12 - Рӯзи ҷаҳонии парвози инсон ба кайҳон
15 - Рӯзи ҷаҳонии фарҳанг
23 - Рӯзи ҷаҳонии китоб ва ҳуқуқи муаллиф
24 - Рӯзи ҷаҳонии ҳамдилии ҷавонон
28 - Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи меҳнат
29 - Рӯзи ҷаҳонии рақс

**Май**

1 – Ҷашни баҳор ва меҳнат
3 - Рӯзи ҷаҳонии озодии матбуот
3 - Рӯзи ҷаҳонии Офтоб
7 - Рӯзи радио
8 - Рӯзи ҷаҳонии Салиби сурх ва Ҳилоли аҳмар
9 - Рӯзи Ғалабаи Иттиҳоди Шуравӣ бар фашизм
15 - Рӯзи ҷаҳонии оила
18 - Рӯзи ҷаҳонии осорхонаҳо
31 - Рӯзи ҷаҳонии бидуни тамоку

**Июн**

1 - Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи кӯдакон
1 - Рӯзи ҷаҳонии волидайн
5 - Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи муҳити зист
6 – Рӯзи забони русӣ
8 - Рӯзи ҷаҳонии уқёнусҳо
18 - Рӯзи ҷаҳонии падар
26 - Рӯзи ҷаҳонии мубориза алайҳи маводи мухаддир

**Июл**

11 - Рӯзи ҷаҳонии шоколад
20 - Рӯзи ҷаҳонии торт
20 - Рӯзи ҷаҳонии шоҳмот
30 - Рӯзи ҷаҳонии дӯстӣ

**Август**

6 - Рӯзи ҷаҳонии мубориза алайҳи силоҳи ҳастаӣ
12 - Рӯзи ҷаҳонии ҷавонон
27 – Рӯзи кино

**Сентябр**

1 - Рӯзи дониш
4 – Рӯзи китоб (дар Тоҷикистон)
5 – Рӯзи накукорӣ
10 - Рӯзи ҷаҳонии поси хотири қурбониёни фашизм
27 - Рӯзи ҷаҳонии сайёҳӣ
28 - Рӯзи ҷаҳонии баҳрҳо

**Октябр**

1 - Рӯзи ҷаҳонии мусиқӣ
1 - Рӯзи ҷаҳонии кухансолон
2 - Рӯзи ҷаҳонии табибон
4 - Рӯзи ҷаҳонии ҳайвонот
5 - Рӯзи ҷаҳонии омӯзгор
16 - Рӯзи ҷаҳонии нон
23 - Рӯзи ҷаҳонии китобхонаҳои мактабӣ

**Ноябр**

7 – Рӯзи Инқилоби Октябр (1917)
7-11- Ҳафтаи ҷаҳонии илм ва ҷаҳон
10 - Рӯзи ҷаҳонии ҷавонон
17 - Рӯзи ҷаҳонии донишҷӯён

**Декабр**

1 - Рӯзи ҷаҳонии мубориза бо СПИД
3 - Рӯзи ҷаҳонии маъюбон
9 - Рӯзи ҷаҳонии мубориза бо ришваситонӣ
10 - Рӯзи ҳуқуқи инсон
11 - Рӯзи ҷаҳонии кӯҳҳо

*Таҳияи Абдурауф МУРОДӢ, «Омӯзгор»*

ИСТИҚБОЛ

*Ду ҳазору бисту ду*
*Соли хурсандиҳо буд.*
*Ҳосил бишуд фаровон,*
*Зиндагӣ босафо буд.*

*Ҳар рӯзи мардум гузашт*
*Бо хандаю бо шодӣ.*

*Дар соли нав мулки мо*
*Меёбад беш ривоҷ.*

*Бунёд гардад «Роғун»*
*Бо заҳмати халқи мо.*
*Тоҷиконро шиносанд*
*Ҳамчу халқи тавоно...*

## Марҳабо, соли харгӯш!

*Қадами қатъӣ гузошт*
*Ҷумҳурии мо ба пеш.*
*Ин бишуд зарбаи нав*
*Ба душмани бадандеш.*

*Бишкуфт Тоҷикистон*
*Бо ривоҷи ободӣ.*

*Олам ба ҳайратояд*
*Аз мардуми соҳибтоҷ.*

*Зиндагӣ шавад обод*
*Бо меҳнати пайваста.*
*Бояд ки буд ҳамеша*
*Бар мулки худ дилбаста.*

*Соли паланг, хуш бирав,*
*Марҳабо, Соли харгӯш!*
*Аз хубиҳо ёд кунем,*
*Бадиҳоро фаромӯш.*

*Абулҳай САИДҚОСИМ,*
*шаҳри Панҷакент*

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

# Муаммои «Ҳамешасабз»





1.Мучали соли 2023. 2. Исми ҳофизи ҷавону шинохтаи тоҷик. 3. «***ро зи моҳӣ бояд омӯхт». 4. Асбоби тории мусиқӣ, 5. Гиёҳи хушбӯйи бӯиданӣ ва хӯрданӣ. 6. Иди миллӣ. 7. Воситаи алоқаи байни одамон. 8. Ҳамнишини амирону шоҳон. 9. Қаҳрамони достони М. Турсунзода. 10. Персонажи афсонаҳои тоҷикӣ. 11. Яке аз чор қутби олам. 12. Моҳ ба арабӣ, киноя аз хушрӯ, зебочеҳра. 13. Қаҳрамони «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ. 14. Иди ҳосил. 15. Ҳаммаънои равшанӣ. 16. «То хаст зи ҷонам ***е, кори ман ин аст». 17. Ҳарфи алифбои ниёгон. 18. Китобе, ки дар он воҳидҳои забонӣ ба тартиби муайян омада, шарҳ дода мешаванд. 19. Асари Саъдии Шерозӣ. 20. Исми маъмулии занонаи тоҷикӣ. 21. Шодӣ, базм, сурур. 22. Набераи Бобои барфӣ. 23. Шаҳр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 24. Яке аз асосгузорони мусиқии миллии немис. 25. Навъи маҳсулоти полезӣ. 26. Муродифи вожаи панд. 27. Истилоҳи динӣ. 28. «Истода менамояду чун *** меравад». 29. Навъи санъат. 30. Исми моҳи солшумории шамсӣ. 31. Моеъи хушбӯй. 32. Аспи Рустам дар «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ. 33. Асари Сайидои Насафӣ. 34. Шумораи миқдорӣ. 35. Навъи техникаи кишоварзӣ. 36. Понздаҳ, ҳаждаҳ, бист. 37. Макони илму дониш, тарбия. 38. Жанри адабӣ. 39. Асъори хурди миллии замони Шуравӣ. 40. *** Думбадзе, адиби гурҷӣ. 41. «Мирзо ***», романи Ҳабибулло Назаров. 42. Ҷирми осмонӣ. 43. Факт, далел. 44. Неъмати моддӣ. 45. Навъи ширинӣ. 46. Кулоҳи миллии тоҷикӣ. 47. Истилоҳи илми математика. 48. Ноҳия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 49. Хабар, пайғом.

**Мураттиб Ҳотами ҲОМИД, «Омӯзгор»**

| МУШ | БАҚАР | ПАЛАНГ | ХАРГӮШ | НАҲАНГ | МОР | АСП | ГӮСФАНД | ҲАМДУНА | МУРҒ | САГ | ХУК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1900 | 1901 | 1902 | 1903 | 1904 | 1905 | 1906 | 1907 | 1908 | 1909 | 1910 | 1911 |
| 1912 | 1913 | 1914 | 1915 | 1916 | 1917 | 1918 | 1919 | 1920 | 1921 | 1922 | 1923 |
| 1924 | 1925 | 1926 | 1927 | 1928 | 1929 | 1930 | 1931 | 1932 | 1933 | 1934 | 1935 |
| 1936 | 1937 | 1938 | 1939 | 1940 | 1941 | 1942 | 1943 | 1944 | 1945 | 1946 | 1947 |
| 1948 | 1949 | 1950 | 1951 | 1952 | 1953 | 1954 | 1955 | 1956 | 1957 | 1958 | 1959 |
| 1960 | 1961 | 1962 | 1963 | 1964 | 1965 | 1966 | 1967 | 1968 | 1969 | 1970 | 1971 |
| 1972 | 1973 | 1974 | 1975 | 1976 | 1977 | 1978 | 1979 | 1980 | 1981 | 1982 | 1983 |
| 1984 | 1985 | 1986 | 1987 | 1988 | 1989 | 1990 | 1991 | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 |
| 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 |
| 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 | 2031 |
| 2032 | 2033 | 2034 | 2035 | 2036 | 2037 | 2038 | 2039 | 2040 | 2041 | 2042 | 2043 |
| 2044 | 2045 | 2046 | 2047 | 2048 | 2049 | 2050 | 2051 | 2052 | 2053 | 2054 | 2055 |
| 2056 | 2057 | 2058 | 2059 | 2060 | 2061 | 2062 | 2063 | 2064 | 2065 | 2066 | 2067 |

ЭЪЛОН

# Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## озмуни интихоби бақайдгирандаи нуқтаи бақайдгириро эълон мекунад

**Мансаб:** бақайдгирандаи нуқтаи бақайдгирӣ (138 ҷой).

**Муҳлат:** 45 рӯз (аз 1-уми март то 30-юми апрели соли 2023 бо имкони тамдид).

**Макони иҷрои вазифа:** ш. Душанбе – 30 нафар, ш. Ваҳдат – 4 нафар, ш. Турсунзода – 6 нафар, ш. Ҳисор – 2 нафар, ш. Хуҷанд – 8 нафар, ш. Истаравшан – 4 нафар, ш. Исфара – 2 нафар, ш. Конибодом – 2 нафар, ш. Панҷакент – 2 нафар, ш. Бохтар – 8 нафар, ш. Кӯлоб – 8 нафар, ш. Хоруғ – 4 нафар, н. Рашт – 4 нафар, н. Рӯдакӣ – 2 нафар, н. Ашт – 2 нафар, н. Б. Ғафуров – 4 нафар, н. Деваштич – 2 нафар, н. Мастчоҳ – 2 нафар, н. Спитамен – 2 нафар, н. Ҷ. Расулов – 2 нафар, н. А. Ҷомӣ – 2 нафар, н. Вахш – 2 нафар, н. Восеъ – 4 нафар, н. Данғара – 4 нафар, н. Дӯстӣ – 2 нафар, н. Ёвон – 4 нафар, н. Қубодиён – 2 нафар, н. Панҷ – 2 нафар, н. Фархор – 2 нафар, н. Хуросон – 2 нафар, н. Ҳамадонӣ – 2 нафар, н. Ҷайҳун – 2 нафар, н. Ҷ. Балхӣ – 4 нафар, н. Шаҳритус – 4 нафар.

**Мансаб:** бақайдгирандаи нуқтаи бақайдгирӣ (14 ҷой).

**Муҳлат:** 24 рӯз (аз 1-ум то 30-юми апрели соли 2023 бо имкони тамдид).

**Макони иҷрои вазифа:** ш. Норак – 2 нафар, н. Файзобод – 2 нафар, н. Айнӣ – 2 нафар, н. Зафаробод – 2 нафар, н. Муъминобод – 2 нафар, н. Темурмалик – 2 нафар, н. Ш. Шоҳин – 2 нафар.

Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Марказ) бо мақсади бақайдгирии довталабон дар доираи ташкил ва баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нуқтаҳои бақайдгирӣ таъсис медиҳад. Барои идораи раванди бақайдгирии довталабон дар нуқтаҳои бақайдгирӣ кормандони муваққатӣ ҷалб ва омӯзонида мешаванд. Марказ барои интихоби бақайдгирандаи нуқтаҳои бақайдгирӣ озмун эълон менамояд. Кормандони интихобгардида барои ташкил ва идораи раванди бақайдгирии довталабон дар нуқтаҳои бақайдгирӣ масъул мешаванд.

**Вазифаҳои асосӣ:**

- омода намудани нуқтаи бақайдгирӣ ва таҷҳизоти техникӣ барои бақайдгирии довталабон;
- таъмини ворид намудани маълумоти дақиқ тибқи қоида ва дастурамали мансабӣ;
- таъмини нигаҳдории маълумоти дақиқи довталаб то замони ба роҳбари нуқтаи бақайдгирӣ супоридан;
- пешниҳоди ҳисоботи ҳаррӯза ва ҷамъбастӣ ба роҳбари нуқтаи бақайдгирӣ.

**Талаботи тахассусӣ:**

- маълумоти олӣ ё олии нопурра;
- таҷрибаи корӣ дар соҳаи маориф;
- малакаи кор бо воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ: ноутбук, веб-камера, принтер, шабакаҳои маҳаллӣ, флеш-корт, барномаҳои офисӣ ва дастаи барномаҳои коркарди электронии ҳуҷҷатҳо;
- озодона суҳбат намудан бо забони тоҷикӣ.

Барои иштирок дар озмун хоҳишмандон бояд маълумотномаро, ки дар шабакаи Интернет бо суроғаи https://vacancy.ntc.tj/ гузошта шудааст, бо забони тоҷикӣ пур карда, ба он нусхаи шиноснома бо ҷойи зист, нусхаи рақами мушаххаси андозсупоранда, нусхаи рақами инфиродии суғуртавӣ, нусхаи маълумотнома аз Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк“ оид ба суратҳисоби корти пластикӣ ва нусхаи билети ҳарбиро (агар дошта бошад) замима намоянд.

**Номзадҳо ба воситаи озмун интихоб мешаванд.**

Муҳлати ниҳоии пешниҳоди дархост барои иштирок: 21-уми январи соли 2023, то соати 17:00.

## озмуни интихоби роҳбари нуқтаи бақайдгириро эълон мекунад

**Мансаб:** роҳбари нуқтаи бақайдгирӣ (42 ҷой).

**Муҳлат:** 45 рӯз (аз 1-уми март то 30-юми апрели соли 2023 бо имкони тамдид).

**Макони иҷрои вазифа:** ш. Душанбе – 6 нафар, ш. Ваҳдат – 1 нафар, ш. Турсунзода – 1 нафар, ш. Ҳисор – 1 нафар, ш. Хуҷанд – 2 нафар, ш. Истаравшан – 1 нафар, ш. Исфара – 1 нафар, ш. Конибодом – 1 нафар, ш. Панҷакент – 1 нафар, ш. Бохтар – 2 нафар, ш. Кӯлоб – 2 нафар, ш. Хоруғ– 1 нафар, н. Рашт – 1 нафар, н. Рӯдакӣ – 1 нафар, н. Ашт – 1 нафар, н. Б. Ғафуров – 1 нафар, н. Деваштич – 1 нафар, н. Мастчоҳ – 1 нафар, н. Спитамен – 1 нафар, н. Ҷ. Расулов – 1 нафар, н. А. Ҷомӣ – 1 нафар, н. Вахш – 1 нафар, н. Восеъ – 1 нафар, н. Данғара – 1 нафар, н. Дӯстӣ – 1 нафар, н. Ёвон – 1 нафар, н. Қубодиён – 1 нафар, н. Панҷ – 1 нафар, н. Фархор – 1 нафар, н. Хуросон – 1 нафар, н. Ҳамадонӣ – 1 нафар, н. Ҷайҳун – 1 нафар, н. Ҷ. Балхӣ – 1 нафар, н. Шаҳритус – 1 нафар.

**Мансаб:** роҳбари нуқтаи бақайдгирӣ (7 ҷой).

**Муҳлат:** 24 рӯз (аз 1-ум то 30-юми апрели соли 2023 бо имкони тамдид).

**Макони иҷрои вазифа:** ш. Норак – 1 нафар, н. Файзобод – 1 нафар, н. Айнӣ – 1 нафар, н. Зафаробод – 1 нафар, н. Муъминобод – 1 нафар, н. Темурмалик – 1 нафар, н. Ш. Шоҳин – 1 нафар.

Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Марказ) бо мақсади бақайдгирии довталабон дар доираи ташкил ва баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нуқтаҳои бақайдгирӣ таъсис медиҳад. Барои идораи раванди бақайдгирии довталабон дар нуқтаҳои бақайдгирӣ кормандони муваққатӣ ҷалб ва омӯзонида мешаванд. Марказ барои интихоби роҳбари нуқтаҳои бақайдгирӣ озмун эълон менамояд. Кормандони интихобгардида барои ташкил ва идораи раванди бақайдгирии довталабон дар нуқтаҳои бақайдгирӣ масъул мешаванд.

**Вазифаҳои асосӣ:**

- иштироки фаъолона дар ташкил ва идораи раванди бақайдгирии довталабон;
- омода намудани нуқтаи бақайдгирӣ барои бақайдгирии довталабон;
- назорати фаъолияти кормандони муваққатӣ тибқи тартиби муқарраргардида;
- пешниҳоди ҳисоботи ҳаррӯза ва ҷамъбастӣ ба намояндаи Марказ.

**Талаботи тахассусӣ:**

- маълумоти олӣ;
- собиқаи педагогии на камтар аз 5 сол;
- таҷрибаи кори созмондеҳӣ: ташкили чорабиниҳои васеъ бо шумораи зиёди иштирокдорон;
- қобилияти хуби муошират;
- малакаи кор бо воситаҳои барномавӣ-идоравии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ: ноутбук, веб-камера, принтер, шабакаҳои маҳаллӣ, флеш-корт, барномаҳои офисӣ ва дастаи барномаҳои коркарди электронии ҳуҷҷатҳо;
- озодона суҳбат намудан бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ.

Барои иштирок дар озмун хоҳишмандон бояд маълумотномаро, ки дар шабакаи Интернет бо суроғаи https://vacancy.ntc.tj/ гузошта шудааст, бо забони тоҷикӣ пур карда, ба он нусхаи шиноснома бо ҷойи зист, нусхаи рақами мушаххаси андозсупоранда, нусхаи рақами инфиродии суғуртавӣ, нусхаи маълумотнома аз Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк“ оид ба суратҳисоби корти пластикӣ ва нусхаи билети ҳарбиро (агар дошта бошад) замима намоянд.

Номзадҳо ба воситаи озмун интихоб мешаванд.

**Муҳлати ниҳоии пешниҳоди дархост барои иштирок: 21-уми январи соли 2023, то соати 17:00.**

## озмуни интихоби роҳбари нуқтаи бақайдгириро эълон мекунад

**Мансаб:** роҳбари нуқтаи бақайдгирӣ (42 ҷой).

**Муҳлат:** 45 рӯз (аз 1-уми март то 30-юми апрели соли 2023 бо имкони тамдид).

**Макони иҷрои вазифа:** ш. Душанбе – 6 нафар, ш. Ваҳдат – 1 нафар, ш. Турсунзода – 1 нафар, ш. Ҳисор – 1 нафар, ш. Хуҷанд – 2 нафар, ш. Истаравшан – 1 нафар, ш. Исфара – 1 нафар, ш. Конибодом – 1 нафар, ш. Панҷакент – 1 нафар, ш. Бохтар – 2 нафар, ш. Кӯлоб – 2 нафар, ш. Хоруғ– 1 нафар, н. Рашт – 1 нафар, н. Рӯдакӣ – 1 нафар, н. Ашт – 1 нафар, н. Б. Ғафуров – 1 нафар, н. Деваштич – 1 нафар, н. Мастчоҳ – 1 нафар, н. Спитамен – 1 нафар, н. Ҷ. Расулов – 1 нафар, н. А. Ҷомӣ – 1 нафар, н. Вахш – 1 нафар, н. Восеъ – 1 нафар, н. Данғара – 1 нафар, н. Дӯстӣ – 1 нафар, н. Ёвон – 1 нафар, н. Қубодиён – 1 нафар, н. Панҷ – 1 нафар, н. Фархор – 1 нафар, н. Хуросон – 1 нафар, н. Ҳамадонӣ – 1 нафар, н. Ҷайҳун – 1 нафар, н. Ҷ. Балхӣ – 1 нафар, н. Шаҳритус – 1 нафар.

**Мансаб:** роҳбари нуқтаи бақайдгирӣ (7 ҷой).

**Муҳлат:** 24 рӯз (аз 1-ум то 30-юми апрели соли 2023 бо имкони тамдид).

**Макони иҷрои вазифа:** ш. Норак – 1 нафар, н. Файзобод – 1 нафар, н. Айнӣ – 1 нафар, н. Зафаробод – 1 нафар, н. Муъминобод – 1 нафар, н. Темурмалик – 1 нафар, н. Ш. Шоҳин – 1 нафар.

Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Марказ) бо мақсади бақайдгирии довталабон дар доираи ташкил ва баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нуқтаҳои бақайдгирӣ таъсис медиҳад. Барои идораи раванди бақайдгирии довталабон дар нуқтаҳои бақайдгирӣ кормандони муваққатӣ ҷалб ва омӯзонида мешаванд. Марказ барои интихоби роҳбари нуқтаҳои бақайдгирӣ озмун эълон менамояд. Кормандони интихобгардида барои ташкил ва идораи раванди бақайдгирии довталабон дар нуқтаҳои бақайдгирӣ масъул мешаванд.

**Вазифаҳои асосӣ:**

- иштироки фаъолона дар ташкил ва идораи раванди бақайдгирии довталабон;
- омода намудани нуқтаи бақайдгирӣ барои бақайдгирии довталабон;
- назорати фаъолияти кормандони муваққатӣ тибқи тартиби муқарраргардида;
- пешниҳоди ҳисоботи ҳаррӯза ва ҷамъбастӣ ба намояндаи марказ.

**Талаботи тахассусӣ:**

- маълумоти олӣ;
- собиқаи педагогии на камтар аз 5 сол;
- таҷрибаи кори созмондеҳӣ: ташкили чорабиниҳои васеъ бо шумораи зиёди иштирокдорон;
- қобилияти хуби муошират;
- малакаи кор бо воситаҳои барномавӣ-идоравии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ: ноутбук, веб-камера, принтер, шабакаҳои маҳаллӣ, флеш-корт, барномаҳои офисӣ ва дастаи барномаҳои коркарди электронии ҳуҷҷатҳо;
- озодона суҳбат намудан бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ.

Барои иштирок дар озмун хоҳишмандон бояд маълумотномаро, ки дар шабакаи Интернет бо суроғаи https://vacancy.ntc.tj/ гузошта шудааст, бо забони тоҷикӣ пур карда, ба он нусхаи шиноснома бо ҷойи зист, нусхаи рақами мушаххаси андозсупоранда, нусхаи рақами инфиродии суғуртавӣ, нусхаи маълумотнома аз Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк“ оид ба суратҳисоби корти пластикӣ ва нусхаи билети ҳарбиро (агар дошта бошад) замима намоянд.

**Номзадҳо ба воситаи озмун интихоб мешаванд.**

**Муҳлати ниҳоии пешниҳоди дархост барои иштирок: 21-уми январи соли 2023, то соати 17:00.**

## озмуни интихоби ёвари роҳбари нуқтаи бақайдгириро эълон мекунад

**Мансаб:** ёвари роҳбари нуқтаи бақайдгирӣ (42 ҷой).

**Муҳлат:** 45 рӯз (аз 1-уми март то 30-юми апрели соли 2023 бо имкони тамдид).

**Макони иҷрои вазифа:** ш. Душанбе – 6 нафар, ш. Ваҳдат – 1 нафар, ш. Турсунзода – 1 нафар, ш. Ҳисор – 1 нафар, ш. Хуҷанд – 2 нафар, ш. Истаравшан – 1 нафар, ш. Исфара – 1 нафар, ш. Конибодом – 1 нафар, ш. Панҷакент – 1 нафар, ш. Бохтар – 2 нафар, ш. Кӯлоб – 2 нафар, ш. Хоруғ – 1 нафар, н. Рашт – 1 нафар, н. Рӯдакӣ – 1 нафар, н. Ашт – 1 нафар, н. Б. Ғафуров – 1 нафар, н. Деваштич – 1 нафар, н. Мастчоҳ – 1 нафар, н. Спитамен – 1 нафар, н. Ҷ. Расулов – 1 нафар, н. А. Ҷомӣ – 1 нафар, н. Вахш – 1 нафар, н. Восеъ – 1 нафар, н. Данғара – 1 нафар, н. Дӯстӣ – 1 нафар, н. Ёвон – 1 нафар, н. Қубодиён – 1 нафар, н. Панҷ – 1 нафар, н. Фархор – 1 нафар, н. Хуросон – 1 нафар, н. Ҳамадонӣ – 1 нафар, н. Ҷайҳун – 1 нафар, н. Ҷ. Балхӣ – 1 нафар, н. Шаҳритус – 1 нафар.

Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Марказ) бо мақсади бақайдгирии довталабон дар доираи ташкил ва баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нуқтаҳои бақайдгирӣ таъсис медиҳад. Барои идораи раванди бақайдгирии довталабон дар нуқтаҳои бақайдгирӣ кормандони муваққатӣ ҷалб ва омӯзонида мешаванд. Марказ барои интихоби ёвари роҳбари нуқтаҳои бақайдгирӣ озмун эълон менамояд. Кормандони интихобгардида барои ташкил ва идораи раванди бақайдгирии довталабон дар нуқтаҳои бақайдгирӣ масъул мешаванд.

**Вазифаҳои асосӣ:**

- иштироки фаъолона дар ташкил ва идораи раванди бақайдгирии довталабон;
- омода намудани нуқтаи бақайдгирӣ ва бақайдгирандагон барои бақайдгирии довталабон;
- назорати фаъолияти кормандони муваққатӣ тибқи тартиби муқарраршуда;
- дар вақти зарурӣ иваз намудани яке аз бақайдгирандагон дар нуқтаи бақайдгирӣ;
- пешниҳоди ҳисоботи ҳаррӯза ва ҷамъбастӣ ба намояндаи марказ (дар ҳолати зарурӣ).

**Талаботи тахассусӣ:**

- маълумоти олӣ ё олии нопурра;
- таҷрибаи кори созмондиҳӣ: ташкили чорабиниҳои васеъ бо шумораи зиёди иштирокдорон;
- қобилияти хуби муошират;
- малакаи кор бо воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ: ноутбук, веб-камера, принтер, шабакаҳои маҳаллӣ, флеш-корт, барномаҳои офисӣ ва дастаи барномаҳои коркарди электронии ҳуҷҷатҳо;
- озодона суҳбат намудан бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ.

Барои иштирок дар озмун хоҳишмандон бояд маълумотномаро, ки дар шабакаи Интернет бо суроғаи https://vacancy.ntc.tj/ гузошта шудааст, бо забони тоҷикӣ пур карда, ба он нусхаи шиноснома бо ҷойи зист, нусхаи рақами мушаххаси андозсупоранда, нусхаи рақами инфиродии суғуртавӣ, нусхаи маълумотнома аз Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк“ оид ба суратҳисоби корти пластикӣ ва нусхаи билети ҳарбиро (агар дошта бошад) замима намоянд.

Номзадҳо ба воситаи озмун интихоб мешаванд.

**Муҳлати ниҳоии пешниҳоди дархост барои иштирок: 21-уми январи соли 2023, то соати 17:00.**

**Маълумоти бештарро аз сомонаи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.ntc.tj) ва тавассути телефонҳои 224 53 68 ва 224 05 37 дастрас карда метавонед.**

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

ОМӮЗГОР

Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj

Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

*Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир: Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ҷ. ҶӮРАЗОДА, З. АБДУЛЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба ухда нагирад. *Навбатдори шумора* *А. МУРОДӢ*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 37160 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мӯсоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.